Дар Вазорати адлияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
таҳти №893 аз "17"июли с. 2017
**"ба қайд гирифта шудааст"**

Бо қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
таҳти №67 аз "2" июни с. 2017
**"тасдиқ шудааст"**

# Дастурамали № 224 "Дар бораи амалиётҳое, ки мутобиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ дар ташкилотҳои қарзии исломӣ анҷом дода мешаванд"

Дастурамали №224 "Дар бораи амалиётҳое, ки мутобиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ дар ташкилотҳои қарзии исломӣ анҷом дода мешаванд" (минбаъд - Дастурамал) мутобиқи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" таҳия шуда, тартиби аз ҷониби ташкилотҳои қарзии исломӣ анҷом додани амалиётҳоро мутобиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ муқаррар менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Мафҳумҳое, ки дар Дастурамали мазкур истифода мешаванд:

**- ташкилотҳои қарзии исломӣ** – шахсони ҳуқуқие (бонкҳои исломӣ, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкии исломӣ, ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ, аз ҷумла «равзанаи бонкии исломӣ»), ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳама ё баъзе аз амалиёти бонкии исломии дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" пешбинишударо иҷро менамоянд;

**- ташкилотҳои қарзии анъанавӣ** – шахсони ҳуқуқие (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, аз ҷумла ташкилотҳои маблағгузории хурд), ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳама ё баъзе аз амалиёти бонкии дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо иҷро менамоянд;

**- принсипҳои маблағгузории исломӣ** – амалӣ намудани фаъолияти бонкии исломӣ бо риояи стандартҳое, ки ба меъёрҳои

ҳуқуқии исломӣ асос ёфта, нисбат ба хизматрасониҳои бонкӣ татбиқ мегарданд;

**- стандартҳои фаъолияти бонкии исломӣ** – маҷмӯи қоидаҳое, ки Шӯрои машваратии хизматрасонии бонкии исломӣ маъқул дониста, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ шудаанд ва тибқи онҳо ташкилотҳои қарзии исломӣ фаъолияти бонкии исломиро анҷом медиҳанд;

**- Шӯрои машваратии хизматрасонии бонкии исломӣ**– мақоме, ки фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломии дар асоси принсипҳои маблағгузории исломӣ амалкунандаро танзим менамояд;

**- Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ** – мақоми ташкилоти қарзии исломӣ, ки барои мутобиқ будани созишномаҳои (шартномаҳои) басташудаи онҳо ба стандартҳои фаъолияти бонкии исломӣ масъул мебошад;

**- даромад ё фоида** – вобаста ба мафҳумҳои «қарзи исломӣ», «суратҳисоби сармоягузорӣ» ва «амонат ё пасандозҳои исломӣ» шаклҳои гуногуни даромад, дивиденд ё фоида, рента (изофабаҳо), инчунин ҳаққи хизматрасонӣ ё туҳфае, ки ба ташкилоти қарзии исломӣ пардохта ё аз ҷониби он дода мешаванд;

**- амонат ё пасандозҳои исломӣ** – маблағи пулӣ ва сарватҳои дигари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки барои нигоҳ доштан ба ташкилоти қарзии исломӣ бо шарти пардохти пурра бо фоида ё бидуни он, ба соҳиби амонат ё намояндаи он, бо дархост ё ба мӯҳлатҳои мувофиқашуда бо риояи принсипҳои маблағгузории исломӣ дода мешаванд.

2. Мақсади Дастурамали мазкур муайян кардани тартиби анҷом додан ва гузаронидани амалиёт тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ дар ташкилотҳои қарзӣ мебошад.

3. Ташкилоти қарзии исломӣ ҳангоми анҷом додани фаъолияти худ бояд ҳамаи меъёрҳои иқтисодӣ ва дигар талаботи муқарраркардаи Бонки миллии Тоҷикистонро риоя намояд.

4. Дар рафти иҷрои фаъолият мутобиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ ташкилоти қарзии исломӣ аз рӯи Дастурамали мазкур амал карда, набояд манфиатҳои ташкилоти қарзии исломӣ ва истифодабарандагони (маблағгузорони) хизматрасониҳои исломиро дучори хавф гардонад.

5. Ҳангоми анҷом додани фаъолият, ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ дорад маблағҳоро ба фаъолияте, ки принсипҳои маблағгузории исломӣ иҷозат додааст, сармоягузорӣ намояд.

6. Дар ташкилоти қарзии исломӣ ҷиҳати мутобиқат ба талаботи принсипҳои маблағгузории исломӣ, бояд ҳамаи аҳдҳо (шартномаҳо) аз ҷониби Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ маъқул дониста шаванд.

## БОБИ 2. НАВЪИ АҲДҲО (ШАРТНОМАҲО) ТИБҚИ ПРИНСИПҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ИСЛОМӢ ВА ТАРТИБИ АНҶОМ ДОДАНИ ОНҲО

7. Аҳди муробаҳа. Аҳди (Шартномаи) муробаҳа – аҳд оид ба хариду фурӯши моле, ки ташкилоти қарзии исломӣ бо дархости муштарӣ харидааст. Нархи фурӯши моли ташкилоти қарзии исломӣ аз ҷониби тарафҳои шартнома ҳамчун ҷамъи нархи харид ва изофапулӣ, ки тарафҳо мувофиқа кардаанд, муайян карда мешавад. Изофапулӣ метавонад дар шаклҳои зерин муқаррар карда шавад:

- маблағи тағйирнаёбандаи дар як вақт пардохтшаванда;
- фоиз аз арзиши аслии мол.

8. Ташкилоти қарзии исломӣ амалиёти тиҷоратиро маблағгузорӣ намуда, аз ном ва аз ҳисоби худ бо фармоиши муштарӣ мол харида ҳамаи хавфи амалиёти мазкурро ба зиммаи худ мегирад. Ҳангоми фурӯши мол ба муштарӣ тибқи шартномаи муробаҳа ташкилоти қарзии исломӣ бояд соҳибмулк бошад.

9. Шартномаи муробаҳа дар шакли хаттӣ баста мешавад. Ҳуқуқи моликият ба мол баъди пурра пардохт кардани нархи мол ба муштарӣ мегузарад, агар дар шартнома шартҳои дигар пешбинӣ нашуда бошад. Агар тибқи қонунгузорӣ ҳуқуқи моликият ба молу мулк ба қайди давлатӣ гирифта шавад, ҳуқуқи моликият ба харидор аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ ба вуҷуд меояд. Агар шартнома дар бораи бегона кардани молу мулк ба қайди давлатӣ гирифта шавад, ҳуқуқи моликият ба харидор аз лаҳзаи бақайдгирии он ба миён меояд.

10. Пардохти нархи мол тибқи шартномаи муробаҳа метавонад бо

пардохти мунтазами кӯтоҳмуддат ё дарозмуддат сурат гирад. Баъди бастани шартнома, фурӯшанда наметавонад барои таъхири муҳлат (ба истисноитҳолатҳое, ки таъхир сабаби зиёд шудани нархи аслии мол мегардад) ё тамдиди пардохт, ки бо ҳар гуна сабаб ё бе ягон сабаб ба миён меоянд, пардохтпулии иловагӣ талаб намояд.

Шарти муҳими аҳди муробаҳа ҳатман дар нархи фурӯш нишон додани андозаи изофапулӣ мебошад (ба истиснои харочотҳои воқеӣ).

11. Аҳди муробаҳа метавонад дар асоси дархости хаттии муштарии эҳтимолӣ ба ташкилоти қарзии исломӣ, ки мехоҳад аз ташкилоти қарзии исломӣ моли муайянеро харидорӣ кунад, анҷом дода мешавад. Дар дархост муштарӣ номи мол, нархи тақрибие, ки ӯ омодааст бо он нарх молро харад, инчунин шартҳои харид, маъмулан муҳлат ба муҳлат пардохт карданро нишон медиҳад. Муштарӣ ҳамчунин метавонад фурӯшандаеро, ки аз вай ташкилоти қарзии исломӣ метавонад ин молро харад, нишон диҳад. Ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ дорад фурӯшандаро мустақилона интихоб кунад, агар пешниҳодҳои нисбатан мувофиқи дигар фурӯшандагон мавҷуд бошад.

12. Ташкилоти қарзии исломӣ аҳди харид ва фурӯшро бо фурӯшандаи муайяни чакана мебандад. Дар ин ҳолат дар аҳд нишон дода мешавад, ки ташкилоти қарзии исломӣ молро бо мақсади аз нав фурӯхтани он ба муштарӣ бар асоси аҳди муробаҳа харидорӣ менамояд.

13. Бастани шартномаи хариду фурӯш иҷозат дода намешавад, агар муштарӣ бо фурӯшанда бо ягон уҳдадории шартномавии пешина нисбат ба моле, ки тибқи шартномаи муробаҳа объекти харид ва бозфурӯш аст, алоқамандӣ дошта бошад.

14. Фурӯшанда бояд нисбат ба муштарӣ ва ташкилоти қарзии исломӣ шахси сеюм бошад. Иҷозат дода намешавад, ки муштарӣ дар шартномаи хариду фурӯши моли ташкилоти қарзии исломӣ ҳам фурӯшанда ва дар шартномаи муробаҳа бо ташкилоти қарзии исломӣ ҳам муштарӣ бошад. Ташкилоти қарзии исломӣ метавонад молро аз тарафе, ки хеши наздики муштарӣ аст, харида гирад, ба шарте ки ҳуқуқи фурӯш ва бозхарид мавҷуд бошад. Тарафи сеюм ин ҷонибест, ки ба муштарӣ алоқаманд нест ё дар он муштарӣ дорои ҳиссаи афзалиятнок намебошад.

15. Ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ дорад молро аз фурӯшанда харида, имконияти бозпас баргардонидани онро дар давоми муҳлати муайян муқаррар намояд. Агар муштарӣ молро аз ташкилоти қарзии

исломӣ харида нагирад, он гоҳ ташкилоти қарзии исломӣ метавонад молро ба таҳвилкунанда дар давоми муҳлати муайян бо мувофиқаи тарафҳо баргардонад. Ин гуна имконият то харидорӣ намудани мол аз ташкилоти қарзии исломӣ эътибор дорад.

Агар чунин имконият дар шартнома қайд нагардида бошад, он гоҳ муштарӣ бояд хароҷоти иловагиеро, ки ҳангоми фурӯши мол ба шахси сеюм ба миён меояд, ба ташкилоти қарзии исломӣ ҷуброн намояд.

16. Дар шартномаи хариду фурӯш бо таҳвилгари мол инҳо нишон дода мешаванд:

- номи тарафҳо;
- мавзӯи шартнома;
- номгӯи мол;
- миқдори мол, нарх, муҳлат ва шартҳои пардохт;
- муҳлати таҳвил;
- ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо;
- ҷарима ва ҷуброн ҳангоми иҷро накардани уҳдадориҳо;
- тарзи таъмин;
- дигар шартҳо.

17. Ташкилоти қарзии исломӣ метавонад ҳам мустақилона шартномаи хариду фурӯш бандад ва ҳам барои ин кор намоянда таъин кунад. Ташкилоти қарзии исломӣ метавонад муштариро намоянда таъин кунад, дар ин ҳолат муштарӣ аз ном ва аз ҳисоби ташкилоти қарзии исломӣ амал мекунад. Дар ҳолате ки агар муштарӣ аз номи ташкилоти қарзии исломӣ ҳамчун намоянда амал кунад, риоя кардани шартҳои зерин зарур мебошад:

- ташкилоти қарзии исломӣ бояд ба фурӯшанда маблағ пардохт кунад ва маблағи молро ба суратҳисоби муштарӣ, ки ҳамчун намоянда аст, ворид накунад, то ҷое ки имкон дорад;

- муштарӣ метавонад аз ҳисоби худ як қисми маблағро ба таъминкунандаи мол пардохт намояд. Ин маблағи пешпардохт имкон дорад аз ҷониби ташкилоти қарзии исломӣ ба муштарӣ бозпас баргардонда шавад ва ё ҳамчун як қисми арзиши мол ба ҳисоб равад;

- ташкилоти қарзии исломӣ бояд аз фурӯшанда оид ба фурӯхта шудани мол ҳуҷҷати тасдиққунанда гирад.

18. Уҳдадориҳои ташкилоти қарзии исломӣ ва уҳдадориҳои муштарие, ки ҳамчун намояндаи ташкилоти қарзии исломӣ баромад мекунад, вобаста ба хавфҳои моли харидоришуда бояд мушаххас гардонида шаванд. Ин гуна мушаххасгардонӣ бо гузоштани фосилаи замонӣ байни амалӣ намудани шартномаи намояндагии муштарӣ ва шартномаи муробаҳа ба даст меояд.

19. Ҳамаи ҳуҷҷатҳо ва шартномаҳо, ки ба хариду фурӯши мол алоқаманданд, бояд аз номи ташкилоти қарзии исломӣ бошанд, ҳатто агар муштарӣ ҳамчун намояндаи ташкилоти қарзии исломӣ амал намояд.

20. Ташкилоти қарзии исломӣ бояд молро аз макони таҳвилгар ё ҳар гуна ҷойи дигаре, ки дар шартҳои таҳвил нишон дода шудааст, дастрас кунад. Хароҷоти таҳвили мол ба зиммаи ташкилоти қарзии исломӣ гузошта шуда, он ба арзиши мол дохил карда мешавад. Ташкилоти қарзии исломӣ метавонад бо фурӯшанда мувофиқа намояд, ки хароҷоти таҳвили мол аз ҳисоби фурӯшанда пардохт карда шавад.

21. Ташкилоти қарзии исломӣ ҳамчун соҳибмулк масъулиятро ба зимма гирифта, инчунин хавфҳои минбаъдаро, ки имкон дорад суғурта шаванд, ба дӯш мегирад. Подошпулии суғурта, ки пеш аз фурӯхтани мол ба муштарӣ ба миён меояд, пурра ба зиммаи ташкилоти қарзии исломӣ мебошад. Хароҷоти суғурта ба нархи мол, ки тибқи шартномаи муробаҳа харида мешавад, ворид мегардад.

22. Ташкилоти қарзии исломӣ баҳри таъмини дуруст иҷро шудани ваъдаи муштарӣ оид ба бастан ва иҷро намудани шартномаи муробаҳа, бояд бо муштарӣ дар бораи гарави маблағҳои пулӣ ё дигар навъи гарав шартнома бандад. Маблағи пулие, ки ба сифати гарав дода шудааст, наметавонад бе иҷозати муштарӣ аз тарафи ташкилоти қарзии исломӣ сармоягузорӣ карда шавад. Муштарӣ дар сурати мавҷуд будани маблағгузорӣ ҳуқуқи гирифтани фоида аз онро дорад.

23. Ташкилоти қарзии исломӣ уҳдадор аст гаравро баъди аз ҷониби муштарӣ иҷро шудани шартномаи муробаҳа баргардонад. Дар асоси аризаи муштарӣ маблағи ба гарав гузошташуда мутобиқи шартномаи муробаҳа метавонад барои пардохт гузаронида шавад.

24. Ташкилоти қарзии исломӣ хавфҳои марбут ба осеб дидани молро ҳангоми таҳвил ё нигаҳдорӣ ба зимма дорад ва онҳо наметавонанд аз ҳисоби гарав ҷуброн шаванд, ба истиснои он ҳолатҳое, ки муштарӣ ба сифати намояндаи ташкилоти қарзии исломӣ баромад менамояд.

25. Дар сурати иҷро нагардидани ваъдаи харид аз ҷониби муштарӣ, ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ дорад моли харидашударо ба шахсони сеюм фурӯшад. Агар нархи фурӯши мол воқеан аз нархе, ки ташкилоти қарзии исломӣ онро харидааст, пасттар бошад, он гоҳ ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ дорад аз маблағи гарав фарқияти мазкурро тарҳ карда, бақияро ба муштарӣ баргардонад ва ё дар ҳолати бе гарав будани шартнома аз муштарӣ фарқияти мазкурро тибқи тартиби муқарраршуда талаб намояд.

26. Ташкилоти қарзии исломӣ метавонад баъди бастани шартномаи муробаҳа аз фармоишгари харид пешпардохт гирад. Гирифтани пешпардохт имкон дорад дар вақти тартиб додани шартнома дар даврае, ки муштарӣ харидани молро ваъда кардааст, анҷом дода шавад. Ташкилоти қарзии исломӣ ва муштарӣ бояд оид ба намуди пешпардохт -“арбун” ё “ҳамиш ҷиддия” мувофиқа намоянд ва бояд ба муштарӣ муҳлат дода шавад, то ин ки оид ба давом додани шартнома ё қатъ намудани он тасмим гирад. Дар давоми ин муҳлат агар:

- муштарӣ тасмими давом додани шартномаро гирад, маблағи пешпардохт ҳамчун қисми маблағи нархи мувофиқашуда ба ҳисоб меравад;

- муштарӣ дар муҳлати муайяншуда тасмими идома надодани шарномаро гирад, шартномаи муробаҳа қатъ карда шуда, ташкилоти қарзии исломӣ метавонад маблағи пешпардохти муштариро барнагардонад. Аммо беҳтар аст, ки ташкилоти қарзии исломӣ зарари

бо сабаби қатъ кардани шартнома баамаломадаро барқарор намуда, бақияи маблағи пешпардохтро ба муштарӣ баргардонад.

27. Агар фурӯшандаро худи муштарӣ интихоб кунад, ташкилоти қарзии исломӣ бояд ба шартнома шарти зеринро дохил намояд:

- дар бораи аз ҷониби муштарӣ ҷуброн намудани ҳамаи зарари ба ташкилоти қарзии исломӣ расида, ки дар натиҷаи аз ҷониби фурӯшанда иҷро нашудани шартнома ба миён омадааст, инчунин ҳар гуна хароҷоти судӣ, аз ҷумла аз ҳисоби таъминот, агар фурӯшанда шартномаи хариду фурӯшро иҷро накунад. Шарти мазкур ҳатто агар шартномаи муробаҳа анҷом дода нашавад ҳам, бояд амал кунад.

28. Ҳангоми бастани шартномаи муробаҳа бояд ҳамаи шартҳое, ки аз рӯи онҳо амалиёти тиҷоратӣ сурат мегирад, қайд карда шаванд, аз ҷумла:

- ҳама гуна хароҷоте, ки ташкилоти қарзии исломӣ ба нархи фурӯш дохил мекунад, аз ҷумла пардохтҳо ба тарафи сеюм. Пардохти музди меҳнати кормандони ташкилоти қарзии исломӣ ба ҳисоби ин гуна хароҷот дохил намешавад;

- нархи фурӯш;

- изофапулӣ – подошпулие, ки ташкилоти қарзии исломӣ аз шартномаи мазкур мегирад.

Дар ин маврид нархи фурӯш ё изофапулӣ наметавонанд ба тарзи номуайян муқаррар карда шаванд, масалан вобаста ба ягон нишондиҳандае, ки дар оянда маълум мешавад. Истифода бурдан аз дигар нишондиҳандаҳои маълум ва муносиб, дар марҳилаи ваъдаи харид барои муайян намудани андозаи фоида, имконпазир мебошад. Таъйин намудани фоидаи ташкилоти қарзии исломӣ ҳангоми бастани шартномаи муробаҳа дар асоси фоизи муайян аз арзиши асосӣ сурат мегирад ва ба меъёри байнибонкии Лондон (LIBOR) ё ба омили вақт вобаста нест.

Агар ташкилоти қарзии исломӣ ҳатто баъд аз ба имзо расидани шартномаи муробаҳа, ягон тахфиф нисбат ба нархи мол аз ҷониби фурӯшанда ба даст оварад, пас бояд муштарӣ аз ин имтиёз бо роҳи кам кардани нархи мол манфиат ба даст орад.

29. Ташкилоти қарзии исломӣ метавонад ба шартномаи муробаҳа шартҳои зеринро дохил кунад:

- ташкилоти қарзии исломӣ барои ягон ё ҳамаи нуқсонҳои мол баъди ба ихтиёри муштарӣ гузаштани он масъул намебошад;

- ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ дорад амали шартномаи муробаҳаро қатъ намояд ва ё молро ба тарафи сеюм ҳангоми аз ҷониби муштарӣ рад шудани қабули мол баъди мавриди амал қарор гирифтани шартномаи муробаҳа, ҳамчун намояндаи муштарӣ фурӯшад. Ташкилоти қарзии исломӣ метавонад аз нархи фурӯш хароҷоти баамаломадаи худро гирад ва дар ҳолати боқӣ мондани маблағ онро ба муштарӣ баргардонад.

30. Ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ надорад вобаста ба дороиҳо ва ҳолатҳои зерин аҳди муробаҳаро анҷом диҳад:

- тилло, нуқра, асъор;

- бо сармояи гардон, ки дар он қарзи дебиторӣ таъмини дороиҳо мебошад;

- бозтамвили аҳд тавассути аҳди муробаҳа бо муштарии дорои қобилияти пасти пардохтпазирӣ.

31. Пардохти маблағро тибқи шартномаи муробаҳа муштарӣ мутобиқи шартҳои шартнома анҷом медиҳад. Ташкилоти қарзии исломӣ метавонад аз муштарӣ пеш аз муҳлат пардохт кардани маблағро дар сурати беасос ба таъхир андохтани пардохти навбатӣ талаб намояд, ба шарте ки ба муштарӣ дар бораи муҳлати пардохт пешакӣ хабар диҳад.

32. Агар муштарӣ нархи молро пурра пардохт накунад, он гоҳ ташкилоти қарзии исломӣ то вақти пурра пардохт шудани маблағ ҳуқуқи моликият ба молро ба номи муштарӣ ба қайд намегирад.

33. Ташкилоти қарзии исломӣ метавонад молро фурӯшад, агар муштарӣ пардохти маблағро аз муҳлати дар шартнома зикршуда зиёд ба таъхир андозад. Агар ташкилоти қарзии исломӣ молҳоро фурӯшад, он гоҳ танҳо он маблағе, ки аз муштарӣ гирифта шудааст, ҷуброн карда мешавад.

34. Агар ташкилоти қарзии исломӣ аз муштарӣ таъминоти гарав гирифта бошад, он гоҳ муштарӣ ба ташкилоти қарзии исломӣ дар бораи фурӯши гарав ва аз ҳисоби он пӯшонидани қарз бидуни мурочиат ба суд розигӣ медиҳад, агар ин ҳолат дар шартнома пешбинӣ шуда бошад.

35. Дар ҳолати таъхири пардохтҳо дар муҳлати муқарраршуда, муштарӣ бояд мутобиқи шартномаи муробаҳа маблағи ҷаримаи муайяншударо ба ташкилоти қарзии исломӣ пардохт намояд ва минбаъд ин маблағ бояд ба мақсадҳои хайрия равона карда шавад. Ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ дорад, ки дар ҳолати зарар дидан бо сабаби таъхири пардохтҳо аз муштарӣ ҷуброн талаб намояд.

36. Аз муштарии ташкилотҳои қарзии исломӣ подошпулии комиссионӣ ва барои имконияти пешниҳоди маблағгузорӣ маблағ ситонида намешавад.

37. Дар сурати аз ҷониби тарафҳо мувофиқа нагардидани тарафи пардохткунандаи хароҷот, хароҷот барои омода кардани ҳуҷҷатҳои шартнома байни ташкилоти қарзии исломӣ ва муштарӣ тақсим мешавад. Шарте, ки дар он ҳамаи хароҷотҳо одилона нишон дода шуда, ҳаҷми иҷрошудаи корро инъикос мекунад, бояд риоя карда шавад.

38. Агар аҳди муробаҳа барои фармоишгари харид ба воситаи маблағгузории синдитсионӣ сурат гирад, ташкилоти қарзии исломие, ки ҳамчун ташкилкунандаи маблағгузории синдитсионӣ амал мекунад, ҳуқуқ дорад аз иштирокчиёни маблағгузории синдитсионӣ подошпулӣ гирад.

39. Ташкилоти қарзии исломӣ метавонад барои таҳияи асосмандии техникию иқтисодӣ маблағ ситонад, агар ин амал бо хоҳиши муштарӣ ва ба манфиати ӯ иҷро гардад ва муштарӣ розӣ шавад, ки ба ташкилоти қарзии исломӣ маблағ пардохт намояд.

40. Хароҷоти аввалияи мустақими ташкилоти қарзии исломӣ (подошпулӣ ба миёнарав, ҳаққи хизмат барои хизмати ҳуқуқӣ ва ғ.), ки ба бастани шартнома дар бораи хариди предмети шартномаи

муробаҳа аз таҳвилгар алоқаманд аст, ҳамчун хароҷоти давраи ҷорӣ эътироф мешавад.

41. Сармоягузориҳои ташкилоти қарзии исломӣ аз рӯи шартҳои шартномаи муробаҳа, аввал дар тавозун аз рӯи маблағҳои пулии ба аҳд гузошташуда, дар зерҳисоби суратҳисобҳои тавозунӣ дар қисми дигар моликияти ташкилоти қарзии исломӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

42. Хароҷотҳои минбаъдаи ташкилоти қарзии исломӣ вобаста ба хариди мол, инчунин расондани мол (ҳамлу нақли мол), боҷи воридот ва дигар хароҷотҳо ба нархи хариди мол дохил карда мешаванд.

43. Дар сурати аз ҷониби муштарӣ пурра пардохт шудани маблағи умумии мол, ташкилоти қарзии исломӣ маблағҳои пулии воридшударо барои пардохти қарз равона карда, даромадро эътироф мекунад. Дар сурате ки агар тибқи шартҳои шартнома муштарӣ маблағи молро давра ба давра тибқи ҷадвал пардохт намояд, ташкилоти қарзии исломӣ дар ҳисобдории муҳосибӣ даромадро аз рӯи шартномаи муробаҳа тибқи ҷадвали пардохтҳо ҳар моҳ ҳисоб мекунад. Маблағҳои пулии воридшуда барои пардохти қарз ва даромади барои гирифтан ҳисобшуда равона карда мешаванд.

44. Ташкилоти қарзии исломӣ давра ба давра сифат ва андозаи хавфи пайдоиши талафоти имконпазири ба дороиҳо алоқамандро тибқи аҳди муробаҳа бо таснифоти дахлдор ва маблағҷудокуниҳо ба фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳо (минбаъд ФПТИД) мутобиқи санади меъёрии ҳуқуқии дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон баҳо медиҳад.

45. Аҳди музораба. Аҳди (Шартномаи) музораба – аҳди дар асоси шартнома басташуда, ки мутобиқи шартҳои он як тараф – сармоягузор сармоя (маблағҳои пулӣ) пешниҳод мекунад, тарафи дигар – соҳибкор сармояро гирифта, онро бо истифода аз захираҳои меҳнатии худ бо мақсади гирифтани фоида ва тақсими он дар байни тарафҳо тибқи шартнома истифода мебарад. Зарар аз ҷониби сармоягузор танҳо дар ҳолатҳое пӯшонида мешавад, ки он дар натиҷаи идоракунии нодуруст, зоҳир намудани беэътиноӣ ва риоя накардани шартномаи музораба аз

ҷониби соҳибкор ба вуҷуд наомада бошад. Шартномаи музораба бояд дар шакли хаттӣ баста шавад.

46. Аҳдҳои музораба ба навъҳои зерин тақсим мешаванд:

-музорабаи маҳдуд – аҳди музораба, ки тибқи шартҳои он сармоягузор номгӯйи дороиҳо ё объектҳои соҳибкорро барои сармоягузорӣ муқаррар мекунад, дар ин маврид барои ҳар як объекти сармоягузорӣ бо соҳибкор ва сармоягузор шартномаи алоҳида баста мешавад. Дар ин ҳолат сармоягузор ҳуқуқ дорад ба як қисми фоидае, ки дар натиҷаи истифодаи маблағ аз рӯи ҳар як аҳд ба таври алоҳида гирифта шудааст ва ин дар шартномаи алоҳида муайян гардидааст, умед бандад;

-музорабаи номаҳдуд – аҳди музораба, ки тибқи шартҳои он соҳибкор ба таври мустақил объекти сармоягузоришавандаро бе ягон маҳдудият мутобиқи донишу таҷрибаи худ дар доираи шартнома ва тибқи предмети шартнома муайян мекунад;

-музорабаи кушода – аҳде, ки тибқи шартҳои он сармоягузор ҳуқуқ дорад аз соҳибкор фавран маблағҳои пулии ба вай пешниҳодшударо бо талаби нахустин гирад. Дар ин ҳолат сармоягузор ҳуқуқ надорад як қисми фоидаро талаб кунад;

-музорабаи пӯшида – аҳде, ки тибқи шартҳои он сармоягузор ҳуқуқ дорад аз соҳибкор маблағҳои пулии ба вай пешниҳодшударо танҳо баъди фаро расидани муҳлати муайянкардаи шартнома талаб намояд. Дар ин ҳолат сармоягузор ҳуқуқ дорад як қисми фоидаро, ки дар шартнома муайян шудааст, гирад;

-музорабаи махсус - аҳде, ки тибқи шартҳои он сармоягузор реҷаи аз ҷониби соҳибкор истифода шудани маблағҳои ба вай пешниҳодшударо (дар ин ҳолат ташкилоти қарзии исломӣ) танҳо дар алоҳидагӣ аз маблағҳои пешниҳодкардаи дигар сармоягузорон бидуни ҳуқуқи якҷоя кардани онҳо муқаррар менамояд. Дар ин ҳолат сармоягузор ҳуқуқ дорад ба як қисми фоидае, ки аз истифодаи маблағҳои ба вай пешниҳодшуда ва захираҳои меҳнатии соҳибкор гирифтааст, умед бандад;

-музорабаи умумӣ - аҳде, ки тибқи шартҳои он сармоягузор реҷаи аз ҷониби соҳибкор истифода шудани маблағҳои ба вай пешниҳодкардаро (дар ин ҳолат ташкилоти қарзии исломӣ) муқаррар мекунад, ки тибқи он соҳибкор ҳуқуқ дорад онҳоро ба ҳаҷми умумии маблағҳои пешниҳодкардаи дигар сармоягузорон дохил намояд. Дар ин ҳолат сармоягузор ҳуқуқ дорад ба як қисми фоидае, ки бо истифодаи ҳамаи маблағҳои пулии пешниҳодшуда ва захираҳои меҳнатии соҳибкор гирифта шудааст, умед бандад.

47. Аҳди музорабаро ташкилоти қарзии исломӣ дар ду ҳолат истифода мебарад:

-ҳамчун воситаи ҷалби маблағҳо;

-ҳамчун воситаи ҷойгирсозии маблағҳое, ки тибқи музораба ҷалб шудаанд.

48. Ташкилоти қарзии исломӣ ба сифати сармоягузор баромад намуда, бояд нақшаи тиҷоратиро баҳо дода, объектҳоро барои сармоягузорӣ муайян намояд, фаъолияти соҳибкорро баҳогузорӣ карда, минбаъд дар рафти иҷрои шартнома ба вай маслиҳатҳо диҳад.

49. Ҳангоми додани маблағҳои пулӣ аз рӯи аҳди музораба, ташкилоти қарзии исломӣ бояд ба шартнома дар бораи манъи истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои пулӣ ва додани қарз шарт дохил намояд.

50. Бо мақсади пӯшонидани талафоти сармоя, ки аз иҷрои номатлуби муштарӣ ё вайронкунии шартҳои шартнома аз рӯи аҳди музораба бармеояд, ташкилоти қарзии исломӣ ҳамчун сармоягузор бояд аз муштарӣ гарав, байъона, замонат, кафолат ва дигар навъҳои таъминотро, ки қонунгузорӣ ё шартнома баробар ба маблағи аз рӯи шартнома додаи ташкилоти қарзии исломӣ пешбинӣ кардааст, қабул намояд.

51. Дар шартномаи музораба бояд ҳадди ақал инҳо пешбинӣ шаванд:

- нишон додани навъи шартнома;

- ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо;

- масъулияти соҳибкоре, ки ухдадориро дар бораи аз ҳисоби худ ҷуброн кардани зараре, ки дар рафти иҷрои шартнома бинобар амалҳои/беамалии гунаҳкорона ё ғайриқонунии он ба миён омадааст, аз ҷумла аз ҳисоби таъмин ё дигар молу мулки худ иҷро накардааст ё ба таври дахлдор иҷро накардааст;

- тартиби тақсими фоида ва зарар ба тарзе ки ягон номуайянӣ барои иштирокдорони шартнома истисно карда шавад;

- аз ҷониби соҳибкор ба таври мустақил ё бо ҷалби шахсони соҳибтахассус иҷро шудани шартҳои шартнома;

- пешбурди ҳисобгирии истифодаи маблағҳои пулии аз сармоягузор гирифташаванда, ки имкон медиҳанд баъди тамомшавии шартнома ё марҳилаи алоҳида фоидаи гирифташудаи байни тарафҳо тақсимшаванда муайян карда шавад;

-андозаи маблағи пешниҳодшаванда;

-тарзи таъмини уҳдадориҳои соҳибкор;

- вобаста ба навъ дар шартнома метавонад объекти сармоягузорӣ, пеш аз мухлат гирифта натавонистани маблағи воридшуда, имконияти якҷоя кардани маблағҳои аз сармоягузор гирифта бо маблағҳои шахсони сеюм дарҷ гардад;

- тартиби қатъи шартнома.

52. Фоидаи ҳар як тарафи шартнома бо таносуби фоизӣ аз фоидае, ки соҳибкор дар рафти истифодаи маблағҳои пешниҳодкардаи сармоягузор гирифтааст, муайян карда мешавад. Тартиби тақсими фоида байни тарафҳо бояд қаблан дар шартнома муайян карда шавад.

Агар дар натиҷаи иҷрои шартнома соҳибкор на танҳо фоида нагирад, балки зарар бинад, он гоҳ сармоягузор ба андозаи сармояи пешниҳодкардааш зарар мебинад ва соҳибкор низ дар ин ҳолат барои меҳнаташ подош намегирад. Ин гуна қоидаи тақсими зарар он вақт амал мекунад, ки агар  зарар бо гуноҳи соҳибкор ба миён наомада бошад.

Агар зарар дар рафти иҷрои шартнома бинобар амалҳои/беамалии гунаҳкорона ё ғайриқонунии соҳибкор ба миён омада бошад, он гоҳ зарари мазкур бояд аз ҳисоби соҳибкор пӯшонида

шавад. Дар ин ҳолат сармоягузор ҳуқуқ дорад аз соҳибкор маблағи қаблан тибқи шартнома барои таъмин воридкардаро ситонад. Дар сурати нокифоя будани он, метавонад маблағи мазкурро аз ҳисоби ягон молу мулки дигари соҳибкор гирад.

53. Шартномаи музораба наметавонад бо тартиби яктарафа қатъ гардад, агар:

- соҳибкор иҷрои шартномаро оғоз карда, маблағҳоро дар рафти фаъолияти соҳибкорӣ мавриди истифода қарор дода бошад;

- муҳлати ниҳоии шартнома, ки байни тарафҳо мувофиқа шудааст, ба охир нарасида бошад.

54. Маблағҳои пулӣ ба воситаи шартномаи музораба ҷалб карда мешаванд:

- маблағҳои пулии тибқи шартҳои шартномаи музораба ҷалбшуда дар ҳисобдорӣ дар қисмати уҳдадориҳои ташкилоти қарзии исломӣ дар зерҳисоби суратҳисобҳои тавозунии амонатҳои шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии исломӣ инъикос карда мешаванд;

- ҳангоми кушодани суратҳисоб ба муштарӣ тибқи шартномаи музораба, ташкилоти қарзии исломӣ бояд ҳамаи талаботи заруриро вобаста ба мушаххаснамоии шахсияти муштарӣ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон иҷро намояд;

- баҳисобгирии уҳдадориҳо тибқи шартномаи музораба бо асъори хориҷӣ бо номинали асъор бурда мешавад.

- дар сурати ба даст овардани натиҷаҳои молиявии мусбат аз ҷониби ташкилоти қарзии исломие, ки ҳамчун соҳибкор амал мекунад, ташкилоти қарзии исломӣ ба муштарӣ як ҳиссаи фоидаро пардохт мекунад. Тартиб ва муҳлати тақсими фоида аз амалиёти музораба мутобиқи шартҳои шартнома сурат мегирад;

- ҳиссаи фоидаи муштарӣ вобаста ба навъи шартномаи музорабаи маҳдуд ё номаҳдуд ҳисоб карда мешавад. Дар ҳолати шартномаи музорабаи маҳдуд, ҳиссаи фоидаи муштарӣ вобаста ба фоиданокӣ аз сармоягузорӣ ба ягон лоиҳаи муайян, ҳиссаи маблағҳои воридкардаи муштарӣ, таносуби тақсимот, ки дар шартнома муқаррар

шудааст, ҳисоб карда мешавад. Дар ҳолати шартномаи музорабаи номаҳдуд, ҳиссаи фоидаи муштарӣ вобаста ба фоидаи гирифтаи ташкилоти қарзии исломӣ  аз ҷойгирсозии маблағҳои пулӣ ба амалиёти активии анҷомдодаи ташкилоти қарзии исломӣ тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ (музораба, муробаҳа, истисно, шарика, салам, иҷора ва ғ.) барои давраи мушаххаси дар шартнома нишондода мувофиқ ба маблағҳои гузоштаи тарафҳо ҳисоб карда мешавад;

- аҳдҳои музораба аз рӯи мазмун ба амалиёти амонатӣ ва пасандозӣ баробар дониста мешаванд;

55. Додани маблағҳои пулӣ тибқи аҳди музораба:

- дороиҳое, ки тибқи аҳди музораба ҷойгир карда шудаанд, ба дороиҳои дорои хавфи қарзӣ баробар карда шуда, мувофиқан таҳти ҳама гуна маҳдудиятҳои марбут ба ҷойгиркунии қарз қарор мегиранд;

- дороиҳое, ки тибқи аҳди музораба ҷойгир карда шудаанд, аввал дар тавозун аз рӯи маблағи пулии тибқи аҳд гузошташуда, дар зерҳисоби суратҳисобҳои тавозунӣ аз рӯи қарзҳои додаи ташкилотҳои қарзии исломӣ  ба ҳисоб гирифта мешаванд;

- азбаски дороиҳои тибқи аҳди музораба ҷойгиршуда хавфи барнагаштани маблағҳоро (хавфи қарзӣ) доранд, ташкилоти қарзии исломӣ  барои ин навъи дороиҳо захира ва фондҳои дахлдор ташкил медиҳад;

- даромад/фоида аз аҳдҳои музораба дар ҳисобдорӣ баъди ба охир расидани мухлати амали шартномаи музораба ва гирифтани натиҷаи ниҳоӣ аз лоиҳа эътироф карда мешавад. Инчунин имконпазир аст онро ташкилоти қарзии исломӣ дар шакли натиҷаи фосилавӣ ба даст орад, ки метавонад аз тарафи ташкилоти қарзии исломӣ дуруст баҳогузорӣ ва тибқи шартҳои шартнома бо бозшумории минбаъда ва тасҳеҳи он бо баробари тамомшавии лоиҳа гирифта шавад. Аз рӯи лоиҳаҳои дарозмуҳлат ҳисоб кардан ва эътироф намудани ҳисобгирии даромад ҳар моҳ ё ҳар се моҳ вобаста ба баҳогузории мунтазами лоиҳа бо мақсади муайян кардани мутобиқати натиҷаҳои дар марҳилаҳои гуногуни татбиқи лоиҳа бадастомадаи иҷрои кор ба корҳои дар

нақшаи фаъолият банақшагирифта амалӣ карда мешавад. Дар сурати мусбат будани натиҷаҳо, ташкилоти қарзии исломӣ даромадро вобаста ба фоизи фоидаи дар шартнома муқарраршуда бо таносуби фоизӣ аз фоидае, ки ба ташкилоти қарзии исломӣ аз рӯи натиҷаҳо баъди анҷомёбии лоиҳа ҳисоб карда мешавад, ҳисоб мекунад;

- дар ҳисобдорӣ зарар ҳамчун камшавии маблағи сармоягузорӣ, ки дар дороиҳои ташкилоти қарзии исломӣ ҳисобгирӣ мешавад, эътироф шуда, аз ҳисоби захираҳои дахлдори ташкилкардаи ташкилоти қарзии исломӣ хориҷ карда мешавад. Агар маблағи зарар ба маблағи сармоягузории амалиёти музораба баробар бошад, ташкилоти қарзии исломӣ дороиро пурра аз захираҳои дахлдори ташкилшуда хориҷ мекунад.

56. Аҳди мушорака. Аҳди (Шартномаи) мушорака – аҳд дар бораи шарикӣ байни ду ё зиёда тарафҳо баста мешавад, ки мутобиқи он ҳар як шарик маблағи муайяни пулӣ ё бо розигии ҳамаи шарикон – дороиҳои моддиро мегузорад, ки ин ба ҳар шарик барои пешбурди кор бо истифодаи дороиҳои шарикон бо шарти тақсими фоида тибқи шартнома ҳуқуқ медиҳад ва зарарро ҳар як шарик мутобиқ ба маблағи ба сармояи умумии шарикон гузоштааш ба зимма дорад.

57. Шартномаҳои мушорака аз рӯи ду категорияи асосӣ тасниф мешаванд:

- якҷоя шудани иштирокчиён бе ташкил кардани шахси ҳуқуқӣ;

- якҷоя шудани иштирокчиён бо ташкил кардани шахси ҳуқуқӣ, аз ҷумла, ширкати шарикӣ ва ё шахсони ҳуқуқие, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шудаанд.

Агар аз мавзӯи шартнома чизи дигаре барнаояд, шартномаи мушорака ҳам нисбат ба иттиҳодияи иштирокчиён бе ташкили шахси ҳуқуқӣ ва ҳам нисбат ба иттиҳодияҳо бо ташкили шахси ҳуқуқӣ татбиқ мегардад.

58. Мушорака – ин шакли ҳамкорӣ дар асоси шартномаи мушорака, ки дар он яке аз шарикон ваъда медиҳад, ки саҳмияҳои одии (ҳиссаи) шарики дигарро то вақти пурра ба вай гузаштани ҳуқуқи моликият ба саҳмияҳо (ҳисса) тадриҷан харида гирад. Ин амалиёт аз

ташкили шарикӣ оғоз шуда, баъди он хариду фурӯши саҳмияҳо байни ду шарик оғоз мешавад ва ин гуна амалиёти хариду фурӯш дар шартномаи шарикӣ набояд пешбинӣ шавад. Ба шарики харидори саҳмияҳо иҷозат дода мешавад, ки танҳо харидани саҳмияҳоро ваъда диҳад. Ин ваъда бояд аз шартномаи шарикӣ вобаста набошад. Ғайр аз ин, шартномаи хариду фурӯш бояд аз шартномаи шарикӣ вобаста набошад. Иҷозат дода намешавад, ки як шартнома бо шарти баста шудани шартномаи дигар баста шавад.

59. Дар аҳди мушорака қоидаҳои умумии шартномаи шарика истифода мешаванд ва ба шартномаи мушорака дохил кардани ягон муқаррароте, ки ба ҳар як тараф ҳуқуқи бозпас гирифтани ҳиссаро аз сармояи ширкат медиҳад, иҷозат дода намешавад.

60. Шартномаи шарика дар шакли хаттӣ баста мешавад. Агар шахси ҳуқуқӣ дар асоси шартномаи шарика таъсис дода шавад, он бояд ба қайд гирифта шавад. Дар ҳуҷҷати шартнома оид ба таъсиси ширкат ё оинномаи ширкат мушаххас нишон додани мақсади шарикӣ зарур мебошад.

61. Ба ташкилоти қарзии исломӣ иҷозат дода мешавад, ки дар бораи шарикӣ шартнома бандад, ба шарте ки маблағ аз манбаъҳои ҷоиз гирифта шуда бошад. Ҳангоми таъсиси ширкати ба шарикӣ асосёфта, бояд ҳама гуна далелҳои зарурӣ дар бораи риояи принсипҳои маблағгузории исломӣ дар мавриди иҷрои амалиёт дар рафти фаъолияти шарикӣ, аз ҷумла далелҳо оид ба идорасозии ширкати риоякунандаи принсипҳои маблағгузории исломӣ гирифта шаванд.

62. Ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳо ба шартномаи шарика, агар нишондиҳандаи тақсими фоида таҷдиди назар шавад, он гоҳ зарарро ҳар як шарик бояд мувофиқ ба ҳиссаи маблағи ба сармояи шарикӣ воридкардааш ба зимма гирад.

63. Агар ба сармояи ширкати дар асоси шартномаи “шарика” таъсисёфта дороиҳои моддӣ (молҳо) ворид карда шаванд, он гоҳ арзиши пулии ин гуна дороиҳо бояд аз ҷониби коршиносони мустақил

муайян карда шавад, то ин ки ҷонибҳои шартнома саҳми худро муайян намоянд.

64. Ба сифати саҳм (ҳисса) ба сармояи ширкати дар асоси шартномаи шарика таъсисшуда ворид кардани уҳдадориҳои қарзӣ (қарзи дебиторӣ) иҷозат дода намешавад. Уҳдадориҳои қарзӣ имкон доранд ба сармояи ширкати дар асоси шартномаи шарика таъсисёфта гузошта шаванд, танҳо агар онҳо аз дигар дороиҳои ба сармоя дар шакли саҳм (ҳисса) пешниҳодшуда ҷудо набошанд. Дар ин маврид арзиши дороиҳои холис бояд аз ҷониби аудиторони мустақил тасдиқ карда шавад.

65. Дар шартномаи таъсиси ширкати ба шарика асосёфта, бояд уҳдадориҳои ҳар як шарик барои дар доираи шартнома ва ба манфиати ширкат амал кардан, инчунин риояи ҳатмии принсипҳои маблағгузории исломӣ пешбинӣ карда шаванд.

66. Дар шартнома имкон дорад шарт дар бораи роҳбарӣ кардани ширкат аз ҷониби шарикони муайян ё як шарик пешбинӣ карда шавад. Дар ин ҳолат, дигар шарикон уҳдадоранд ин қарорро дастури амал карда, аз номи ширкат ягон кор анҷом надиҳанд.

67. Дар шартномаи шарика имкон дорад таъини роҳбар (менеҷер) на аз ҳисоби шарикон, бо подошпулии бетағйир (доимӣ), ки ба хароҷоти ширкат дохил аст, ё пардохтпулӣ дар шакли як қисми фоидаи сармоягузорӣ ва подошпулии доимӣ дар шакли ҳавасмандсозӣ пешбинӣ гардад. Агар аз аввал идорасозӣ дар асоси ҳиссаи фоизӣ аз фоидаи бадастоянда амалӣ гардад, он гоҳ ин амал роҳбарро ҳамчун музориб (соҳибкор) тасниф мекунад ва дар ин ҳолат вай танҳо ба ҳиссае аз фоида, агар ин гуна ҳисса бошад, ҳуқуқ дорад ва ба вай дигар ягон подошпулӣ барои хизматҳои роҳбар пардохта намешавад.

68. Дар шартномаи шарика муайян кардани подошпулии доимӣ (бетағйир) ба шарике, ки ба идорасозии маблағҳои ширкати дар асоси шартномаи шарика таъсисшуда ҳиссагузорӣ мекунад ё дар ягон шакли дигар, масалан, дар соҳаи ҳисобдорӣ хизмат мерасонад, иҷозат дода намешавад. Дар ин маврид, ба вай додани қисми зиёди фоида, назар ба

фоидае, ки ӯ мутобиқи ҳиссааш дар сармояи шарикӣ ба даст меовард, бо шартномаи иловагӣ иҷозат дода мешавад.

69. Дар шартномаи шарика бояд масъулияти шарикон барои пешниҳоди таъмини пӯшонидани зарар дар сурати амалҳои ғайриқонунӣ, саҳлангорӣ, беэътиноӣ ё вайрон кардани шартнома аз ҷониби шарикон/шарик пешбинӣ карда шавад.

Дар шартномаи шарика бояд уҳдадории шарикон нисбат ба ҳиссаи якдигар дар сармоя пешбинӣ карда нашавад. Пешбинӣ намудани ӯҳдадории шарикон дар ҳолатҳои амалҳои ғайриқонунӣ, саҳлангорӣ, беэътиноӣ ё вайрон кардани шартнома имконпазир мебошад.

70. Агар барои ҷуброни зарари ба якчанд ё ҳамаи шарикон расида тарафи сеюм кафолат диҳад, он гоҳ бояд ин гуна кафолат ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад:

- қобилияти ҳуқуқдорӣ ва уҳдадории молиявии ин гуна тарафи сеюм, ки ҳамчун кафил баромад мекунад, бояд аз шартномаи шарика вобаста набошад;

- кафолат наметавонад ба ивази ҷубронпулии муайян дода шавад ва бо шартномаи шарика алоқаманд бошад;

- кафолатдиҳандаи тарафи сеюм набояд зиёда аз нисфи маблағи сармояи кафолатии ниҳодро соҳиб бошад;

- ба ширкате, ки кафолат гирифтааст, набояд зиёда аз нисфи маблағи сармояи ширкат, ки ин гуна кафолат медиҳад, тааллуқ дошта бошад;

- шарике, ки барояш кафолати тарафи сеюм дода шудааст, ҳуқуқ надорад иҷрои уҳдадориҳояшро тибқи шартнома рад намояд, агар кафил шартҳои кафолатро иҷро накунад.

71. Дар шартномаи шарика бояд тартиби тақсими фоида байни тарафҳо дар шакли ҳиссаи аз фоида гирифта мувофиқ ба саҳми (ҳиссаи) ҳар як шарик ба сармояи ширкат пешбинӣ карда шавад. Фоида наметавонад дар шакли маблағи пулии бетағйир (собит) муқаррар карда шавад.

72. Дар шартномаи шарика имкон дорад тағйирёбии ҳиссаи шарикон дар тақсими фоида дар санаи тақсими он ё ҳуқуқи шарик барои дар рӯзи тақсими фоида ба манфиати шарики дигар гузашт кардани як қисми фоидаи ба вай додашаванда пешбинӣ карда шавад.

73. Ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ надорад ба таври ихтиёрӣ зарари дигар шариконро ба зимма гирад. Вале дар шартномаи шарика ташкилоти қарзии исломӣ метавонад ҳуқуқи дигар шариконро дар бораи ихтиёран бе ягон шарти пешакӣ ба зимма гирифтани масъулияти зарар дар лаҳзаи пайдоиши он пешбинӣ намояд.

74. Ба шарикон иҷозат дода мешавад, то ба истифодаи ягон усули тақсими фоида, новобаста ба он, ки вай доимист ё не, розӣ шаванд. Масалан, розӣ шаванд, ки ҳаҷми фоизии ҳисса дар фоида дар марҳилаи аввали иҷрои шартнома як миқдор ва дар марҳилаи дуюм вобаста ба номувофиқатии ду давра ё андозаи фоидаи гирифташуда дигар бошад. Ин ба шарте иҷозат дода мешавад, ки агар истифодаи чунин усул боиси хориҷ кардани шарик аз иштирок дар фоида нагардад.

75. Фоида бояд аз рӯи натиҷаҳои ҳақиқӣ бе дарназардошти фоидаи пешбинишавандаи фаъолияти ширкат тақсим карда шавад.

76. Ба шартҳо ё усули тақсими фоида аз рӯи шартномаи шарика дохил кардани ягон муқаррарот ё шарт, ки метавонад усулҳои тақсими фоидаро вайрон кунад, иҷозат дода намешавад. Ҳар гуна шарт ё усули тақсими фоида, ки метавонад ба чунин натиҷа орад, шартномаро беэътибор месозад.

77. Ба шарикон дар шартнома пешбинӣ кардани муқаррароте, ки тибқи он яке аз шарикон маблағи яквақтаина аз фоида ё миқдори фоизиро аз сармояи ширкати дар асоси шартномаи шарика таъсисёфта ҳамчун ҳиссаи фоида мегирад, иҷозат дода намешавад.

78. Мувофиқа кардани он иҷозат дода мешавад, ки агар маблағи фоидаи гирифта аз ҳадди муайяни ниҳоии муқарраркардаи тарафҳо зиёд бошад, он гоҳ фоидаи изофӣ ба шарики муайян тааллуқ дорад. Тарафҳо ҳамчунин метавонанд дар ин хусус ба мувофиқа расанд, ки

агар фоида аз маблаѓи ниҳоӣ зиёд набошад ё аз ин маблаѓ кам бошад, он гоҳ фоида мутобиқи шартномаи онҳо тақсим карда мешавад.

79. Ҳангоми ба охир расидани муҳлати шарикӣ ё барҳамдиҳии он, фоида метавонад ниҳоят дар асоси маблаѓе, ки аз фурӯши ҳамаи дороиҳои мавҷудаи ширкати дар асоси шартномаи шарика таъсисёфта ворид шудааст, бо нархи бозорӣ тақсим карда шавад.

80. Тақсими ягон ҳиссаи маблаѓ ба яке аз тарафҳо дар шакли пешпардохт, яъне то баҳодиҳии ҳақиқӣ иҷозат аст, ба шарте ки ҳисобу китоби ниҳоӣ воқеан дар марҳилаи нисбатан дертар сурат гирад. Дар ин ҳолат тарафҳо уҳдадоранд ҳар гуна маблаѓеро, ки зиёда аз ҳиссаи пешбинишудаи фоидаашон баъди баҳодиҳии ҳақиқӣ гирифтаанд, ба ширкат ҷуброн намоянд.

81. Агар мавзӯи шартномаи шарика дороиҳое бошанд, ки барои ба иҷора (лизинг) додан ва гирифтани даромад харида шудаанд, ё мавзӯи шартнома хизматрасониҳое бошанд, ки аз онҳо маблаѓ ворид мешавад, он гоҳ маблаѓ бояд ҳар сол ба шарикон дар шакли пешпардохт тақсим гардида, дар охири муҳлати амали шартномаи шарика танзим ва ҷуброн карда шавад.

82. Дар асоси оинномa ё қарори тарафҳо тақсим накардани фоидаи ширкат ё давра ба давра нигоҳ доштани маблаѓи муайяни фоида ба ҳайси захираи пардохтпазирӣ ё захира барои пӯшонидани талафоти сармоя (захираи хавфи сармоягузорӣ) иҷозат дода мешавад.

83. Дар асоси мувофиқа нигоҳ доштани як қисми фоида барои хайрия ва эҳсонкорӣ иҷозат дода мешавад.

84. Тарафҳо метавонанд шартномаи шарикаро ба муҳлати муайян ва ё бе нишон додани муҳлат банданд ё барои асос шудани қатъи шартнома шарти бекор кардани онро муқаррар кунанд.

85. Ҳар як шарик ҳуқуқ дорад шартномаи шарикаро баъди ба шарики (шарикони) худ фиристодани огоҳинома дар ин бора қатъ намояд (яъне аз ширкат хориҷ шавад). Дар ин ҳолат вай ба ҳиссаи худ дар ширкат ҳуқуқ дорад ва баромадани он аз ширкат боиси қатъ шудани шарикии дигар шарикон намегардад.

86. Ҳангоми бастани шартномаи шарикии муҳлатнок ба тарафҳо иҷозат дода мешавад, ки дар бораи қатъи шарикӣ пеш аз муҳлат гуфтушунид намоянд. Дар ҳамаи ин ҳолатҳо уҳдадориҳо ва амалҳое, ки шарикон то қатъ шудани шартнома анҷом медиҳанд, бетағйир боқӣ мемонанд.

87. Ба шарик иҷозат дода мешавад, ки барои бо нархи бозорӣ ё дар асоси мувофиқа дар санаи харид дар давоми давраи амали ширкат ё дар лаҳзаи барҳамдиҳии он харидани ҳамаи дороиҳои ширкати дар заминаи шартномаи шарика таъсисшуда, ваъдаи қатъӣ диҳад. Ваъда додани хариди дороиҳои ширкате, ки дар заминаи шартномаи шарика таъсис ёфтааст, бо арзиши номиналии қаблан муайяншуда иҷозат дода намешавад.

88. Корхонаи дар асоси шартномаи шарика таъсисшуда фаъолияташро бо баробари тамомшавии муҳлати амали шартнома ё то фаро расидани ин сана ба охир мерасонад, агар шарикон дар хусуси пеш аз муҳлат қатъ намудани он ва ё дар ҳолати муассисаи барои анҷом додани ягон фаъолияти муайян таъсисшуда, баъди барҳамдиҳии ҳақиқии дороиҳое, ки мавзӯи шартномаи шарикиро ташкил медиҳанд, тасмим гиранд

89. Қатъ намудани шартномаи шарика метавонад ҳангоми барҳамдиҳии эҳтимолӣ ҷой дошта бошад. Дар ин ҳолат шартномаи шарика ҳамчун шартномаи анҷомёфта баррасӣ шуда, тарафҳо дар сурати доштани хоҳиш шарикии навро оғоз мекунанд, ки тавассути он дороиҳое, ки дар рафти барҳамдиҳии воқеӣ фурӯхта нашудаанду вале дар асоси барҳамдиҳии эҳтимолӣ баҳогузорӣ шудаанд, сармояи корхонаи нав ба ҳисоб меравонд. Агар барҳамдиҳӣ бо тамомшавии муҳлати шартнома алоқаманд бошад, он гоҳ ҳамаи дороиҳои мавҷударо аз рӯи нархҳои ҷории бозорӣ мефурӯшанд ва пули аз фурӯш бадастомада барои мақсадҳои зерин истифода мешавад:

- барои хароҷоти барҳамдиҳӣ;

- барои пардохти уҳдадориҳои молиявӣ аз дороиҳои холиси муассиса;

- барои дар байни шарикон мувофиқ ба ҳиссаи онҳо дар сармояи ширкат тақсим намудани дороиҳои боқимонда. Агар дороиҳо камӣ

кунанд ва тарафҳо ҳамаи сармояи гузоштаашонро баргардонда натавонанд, он гоҳ дороиҳо мувофиқ ба ҳиссаи дар сармояи ширкат доштаи онҳо тақсим карда мешаванд.

90. Ширкати бо мақсади хизматрасонӣ таъсисёфта дар асоси шартномаи байни ду ё зиёда шарик барои хизматрасоние, ки ба касби муайян ё меҳнати боихтисос дахл дорад, ё барои пешниҳоди хизматҳои муайян ё хизмати касбӣ, инчунин барои истеҳсоли мол таъсис дода мешавад. Шарикон фоидаро мутобиқи таносуби мувофиқашуда тақсим мекунанд.

91. Ширкате, ки дар асоси шарикӣ барои хизматрасонӣ таъсис ёфтааст, сармояи пулӣ надорад. Шарикон метавонанд байни худ навъҳои гуногуни хизматрасониро тақсим кунанд ва метавонанд ба якчанд ё ҳамаи шарикон як қатор хизматҳо ё ягон хизмати муайянро ба тарзе таъин кунанд, ки тавассути он метавонанд барои пешниҳоди маҷмӯи хизматрасониҳо якҷоя амал намоянд.

92. Фоида дар байни шарикон мутобиқи таносуби мувофиқашуда тақсим карда мешавад, вале дар шартнома пешбинӣ кардани муқаррароте, ки тибқи он ба шарики муайян ягон маблағи яквақтаина аз фоида пардохт карда мешавад, мумкин нест.

93. Агар барои ширкате, ки дар асоси шарикӣ ҷиҳати хизматрасонӣ таъсис ёфтааст, воситаҳои истеҳсолот зарур бошанд, он гоҳ ба ҳар як тараф иҷозат дода мешавад, ки воситаҳои зарурии истеҳсолотро таъмин намоянд, ки барои хизматрасонӣ ба ӯ лозиманд. Дар ин ҳолат ҳар як шарик ба воситаҳои истеҳсолоте, ки пешниҳод кардааст, ҳуқуқи моликият дорад. Шарикон метавонанд барои харидани таҷҳизоти зарурӣ ё асбоб дар асоси ҳуқуқи муштараки моликият маблағ ворид намоянд. Ҳамчунин ба тарафи иштирокдори шартномаи шарика иҷозат дода мешавад, ки воситаҳои истеҳсолотро, ки барои ширкат заруранд, ба ивази подошпулие, ки ба ҳисоби хароҷоти ҷории ширкат бурда мешавад, таъмин намояд.

94. Дороиҳое, ки аз рӯи аҳди шарика ҷойгир карда шудаанд, ба фаъолияти сармоягузорӣ тааллуқ дошта, хавфи қарзӣ доранд ва таҳти ҳамагуна маҳдудиятҳои марбут ба ҷойгирсозии қарзҳо қарор мегиранд.

95. Аҳди иҷора. Аҳди (Шартномаи) иҷора –ин навъи фаъолияти сармоягузорӣ, ки тибқи он иҷорадеҳ тавассути хариди махсус молики таҷҳизот ё дигар молу мулк шуда, онро ба иҷорагир ба иҷораи (кирояи) пулакӣ ба ихтиёрдорӣ ё истифодаи муваққатӣ дар мӯҳлати мувофиқашуда медиҳад.

96. Аҳди иҷораи мунтаҳия биттамлик – аҳдест, ки аз шартномаи иҷора баромада, мутобиқи он муштарӣ барои харидани молу мулки қаблан ба иҷора дода (барои ихтиёрдорӣ ва истифодаи муваққатӣ), ё баъди анҷомёбии мӯҳлати амали шартномаи иҷора ва ё давра ба давра дар давоми давраи амали шартнома ҳуқуқ пайдо мекунад.

97. Вобаста ба шартномаи иҷора мафҳумҳои зерин истифода мешаванд:

- иҷорадеҳ – ташкилоти қарзии исломӣ, ки аз ҳисоби маблағҳои худӣ ва/ ё қарзӣ дар рафти иҷрои шартномаи иҷора молу мулкро харида молик мешавад ва онро ҳамчун предмети иҷора ба ивази маблағи муайян дар мӯҳлати муайян ва шартҳои муайян барои соҳибӣ ва истифодаи муваққатӣ бе гузаштан ё бо гузаштани ҳуқуқи моликият ба предмети шартнома ба иҷорагир медиҳад;

- иҷорагир – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки мутобиқи шартномаи иҷора уҳдадор аст предмети шартномаро ба маблағи муайян, мӯҳлати муайян ва шартҳои муайян барои ихтиёрдорӣ ва истифодаи муваққатӣ қабул намояд;

- фурӯшанда – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки мутобиқи шартномаи хариду фурӯши бо иҷорадеҳ басташаванда ба вай дар мӯҳлати муайян молу мулки предмети иҷорабударо мефурӯшад. Фурӯшанда метавонад ҳамзамон дар доираи як шартномаи иҷора иҷорагир ҳам бошад;

- иҷорапулӣ - пардохтпулӣ барои соҳибӣ ва истифодаи предмети шартномаи иҷора мебошад. Ин пардохтпулиҳо ҷуброни хароҷоти иҷорадеҳро оид ба гирифтан ва ба иҷорагир додани предмети иҷора, ҷуброни хароҷоти марбут ба дигар хизматрасониҳои пешбиникардаи шартнома, инчунин даромади иҷорадеҳро дар бар мегиранд.

98. Шартномаи иҷора аз ҷониби ташкилоти қарзии исломӣ дар асоси дархости муштарӣ барои аз таҳвилгари муайян гирифтани молу мулк ва дар асоси ҳуҷҷатҳои молиявӣ ва ҳуқуқӣ, ки барои қабули қарор

оид ба бастани шартнома заруранд, баста мешавад. Барои қабули қарор оид ба бастани шартномаи иҷора, ташкилоти қарзии исломӣ бояд қобилияти иҷорагирро барои пардохт кардани иҷорапулӣ, инчунин бозоргирии молу мулкро баҳо диҳад, то имконияти такроран ба иҷора додани молу мулк ё фурӯши онро муайян намояд.

99. Ҳангоми қабули қарори мусбат аз ҷониби иҷорадеҳ, иҷорагир дар шакли хаттӣ ваъда медиҳад, ки молу мулкро ба иҷора мегирад. Иҷорагир маблағи муайянро бо мувофиқаи тарафҳо барои кафолат додани иҷрои ваъда – ба иҷора гирифтани молу мулк ворид мекунад. Маблағи воридкарда танҳо барои ҷуброни зарар дар ҳолати ваъдахилофии иҷорагир истифода мешавад.

Дар мувофиқа бо иҷорагир ташкилоти қарзии исломӣ метавонад он маблағро барои сармоягузорӣ дар асоси шартномаи музораба, ки байни ташкилоти қарзии исломӣ ва иҷорагир баста шудааст, истифода барад.

100. Предмети аҳди иҷора метавонад ҳар гуна ашёи ғайриистеъмолӣ, аз ҷумла: корхонаҳо ва дигар маҷмааи молу мулкӣ, биноҳо, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва дигар молу мулки манқул ва ғайриманқул бошад.

101. Молу мулки ба иҷора гирифташуда бояд ба шарти нигоҳдории он истифода шавад ва фоидае, ки аз иҷрои шартномаи иҷора ба даст меояд, бояд қонунӣ ва ба талаботи принсипҳои маблағгузории исломӣ ҷавобгӯ бошад.

102. Предмети шартномаи иҷора метавонад ҳисса дар дороиҳои алоҳида бошад, ки якҷоя бо иҷорагир нигоҳ медоранд, новобаста ба он, ки иҷорагир шарики иҷорадеҳ ҳаст ё не. Дар ин ҳолат иҷорагир метавонад аз ҳиссаи иҷорагирифта бо ҳамон тарзе ки онро иҷорадеҳ истифода мебарад, фоида гирад, яъне бо роҳи реҷаи тақсими вақт ё бо роҳи муайян кардани ягон қисми моликият.

103. Иҷорадеҳ ҷавобгарии ҳар нуқсонеро, ки ба моликияти ба иҷора гирифта расидааст у сифати истифодаи амволро паст мекунад, ба зимма дорад ва масъулиятро барои ҳар гуна ҳолати бадшавии молу мулки ба иҷора дода, ки дар натиҷаи амалҳои худии ӯ ё дар натиҷаи таъсири рӯйдодҳои берун аз таҳти назорати ӯ ба миён омада, ба фоидаи тибқи шартномаи иҷора гирифташаванда таъсир мерасонад,

истисно намекунад.

104. Агар фоида аз моликияти ба иҷора гирифташуда пурра ё қисман дар натиҷаи амалҳои ғайриқонунии иҷорагир дар вақти иҷораи ин моликият кам шавад, он гоҳ иҷорагир ухдадор аст монеаҳоеро, ки ба вай барои гирифтани фоида халал мерасонанд, бартараф намояд. Дар ин ҳолат муҳлати иҷора ба муҳлате, ки дар давоми он иҷорагир наметавонист аз молу мулки иҷорагирифта фоида гирад, дароз карда мешавад ва иҷорагир набояд дар давоми давраи фоидаи аздастдода иҷораро рад намояд.

105. Иҷорадеҳ хизматрасонии техникии асосии предмети иҷораро анҷом медиҳад. Иҷорагир бояд хизматрасонии техникии ҷорӣ ё даврагиро (маъмулиро) иҷро намояд.

106. Иҷорадеҳ суғуртаи молу мулкро ба зимма дорад. Хароҷоти суғурта ба иҷорапулӣ дохил мешавад. Баъди имзои шартнома иҷорадеҳ наметавонад аз иҷорагир ягон маблағи аз андозаи муқарраршудаи иҷорапулӣ зиёдтарро талаб намояд.

107. Барои иҷрои шартномаи иҷора ташкилоти қарзии исломӣ моликиятро харидорӣ карда, соҳиб мешавад. Молу мулк метавонад аз шахсе, ки минбаъд иҷорагир мешавад, харидорӣ шуда, баъдан ба ин шахс ба иҷора дода шавад.

108. Иҷорагир метавонад шартномаи зериҷораро бо шартҳое, ки аз шартномаи иҷора фарқ доранд, баста, ба иҷорадеҳ дар ин хусус хабар диҳад.

109. Иҷорагир метавонад молу мулкро ба соҳиби он дар марҳилаи аввали иҷора ба иҷора диҳад, ки иҷорапулии он аз иҷорапулии пардохткардаи вай кам, баробар ё зиёд бошад, агар ҳар ду иҷорапулӣ дар асоси таҳвили фаврӣ ва пардохти фаврӣ пардохт карда шаванд. Пардохтҳои мутақобил наметавонанд бинобар мавқуф гузоштани муҳлати пардохт зиёд бошанд.

110. Иҷорадеҳ метавонад молу мулки дар таснифот (спецификатсия) зикршударо бо дархости иҷорагир харидорӣ ё истеҳсол намояд. Иҷорагир ҳуқуқ дорад аз молу мулке, ки ба таснифот мутобиқат надорад, даст кашад.

111. Иҷорагир якҷоя бо ташкилоти қарзии исломӣ метавонад амволеро харидорӣ намояд, ки ба иҷора гирифтани онро ба нақша гирифтааст. Мувофиқан, иҷорапулӣ аз ҷониби иҷорагир барои ҳиссае, ки онро дар ихтиёр надорад, пардохт карда мешавад.

112. Ташкилоти қарзии исломӣ метавонад иҷорагир ё шахси сеюмро ҳамчун агент барои хариди молу мулк аз рӯи номгӯй ва нархи мувофиқашуда барои минбаъд ба иҷорагир ба иҷора додани он таъин намояд.

113. Шартномаи иҷора дар шакли хаттӣ баста мешавад ва дар ҳолатҳои пешбиникардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд тариқи нотариалӣ тасдиқ гардида, аз қайди давлатӣ гузарад.

114. Шартҳои муҳими шартномаи иҷора инҳо мебошанд:

- номгӯй, инчунин тавсифи предмети иҷора, ки барои мушаххас кардан кофӣ аст;

- ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо доир ба гирифтан ва додани предмети иҷора;

- андоза, тартиб, шартҳо ва муҳлати гузаронидани иҷорапулӣ;

- нишон додани тарафе, ки предмети иҷора ва фурӯшандаро интихоб мекунад.

115. Агар иҷорадеҳ молу мулкро ба иҷорагир дар муҳлати пешбиникардаи шартномаи иҷора пешниҳод накунад, иҷорапулӣ дар давраи байни санаи эътибор пайдо кардани шартнома ва санаи ҳақиқии пешниҳоди молу мулк ба иҷорагир пардохт карда намешавад. Иҷорапулӣ мувофиқан кам мешавад, агар тарафҳо мувофиқа накарда бошанд, ки муҳлати иҷора ба даврае, ки ба давраи пешниҳод накардани молу мулк баробар аст, баъди санаи нахустини анҷомёбии шартнома тамдид карда мешавад.

116. Иҷорагир пешпардохт менамояд ва иҷорадеҳ метавонад дар сурати бо гуноҳи иҷорагир иҷро нашудани шартномаи иҷора ин пешпардохтро бо мақсади ҷуброни зарар нигоҳ дорад.

117. Иҷорадеҳ ҳуқуқ дорад оид ба ҳамон як молу мулк, ки ба муҳлатҳои гуногун ба якчанд иҷорагир иҷора дода мешавад, якчанд шартномаи иҷора бандад, ба шарте ки ин ду шартнома дар як вақт нисбат ба ҳамон молу мулк ва дар ҳамон як давра иҷро карда нашаванд.

118. Шартномаи иҷора метавонад, ки бо якчанд иҷорагир, ки ба ҳамон як манфиат аз ягон молу мулк ва дар давраи иҷора бе муайян кардани давраи муайяни вақт барои шахси муайян ҳуқуқ доранд, баста шавад. Дар ин ҳолат ҳар иҷорагир метавонад дар давоми даврае, ки ба ӯ ҷудо шудааст, мутобиқи қоидаҳои пешбиникардаи байни иҷорагирон аз молу мулк фоида ба даст орад.

119. Иҷорапулӣ метавонад бо маблағи пулӣ, дар шакли натуралӣ (мол) ё ягон афзалият (хизматрасонӣ) дода шавад. Иҷорапулӣ ё дар шакли пардохти яквақта, ки давраи амали шартномаи иҷораро дар бар мегирад, ё дар шакли пардохтҳои ҷузъӣ барои давраҳои муайяни амали шартнома муқаррар карда шуда, пурра ҳамчун пешпардохт супорида шавад ё қисм ба қисм дар давоми даврае, ки ба давраи амали шартномаи иҷора баробар, аз он зиёд ё кам аст, анҷом дода шавад. Иҷорапулӣ бо мувофиқаи тарафҳо метавонад маблағи устувор ё тағйирёбанда бошад.

120. Иҷорапулӣ тибқи шартнома ҳатмӣ мебошад ва ҳуқуқи иҷорадеҳ барои гирифтани иҷорапулӣ аз он лаҳза фаро мерасад, ки иҷорагир ба гирифтани манфиат аз иҷораи моликият оғоз мекунад, ё вақте ки иҷорадеҳ иҷорагирро бо ҳуқуқи гирифтани манфиат аз молу мулк иҷорагирифта таъмин мекунад.

121. Дар ҳолате  ки агар иҷорапулиро тағйир додан лозим ояд, зарур аст, ки иҷорапулӣ барои давраи аввали амали шартномаи иҷора пешбинӣ карда шавад. Муайян кардани ҳаҷми иҷорапулӣ барои давраҳои минбаъда тибқи пойгоҳи муайяни муқоиса иҷозат дода мешавад. Асоси ин пойгоҳи муқоисаро (махзан, манбаъ) бояд тартиби дақиқ ташкил диҳад, ки омили муайянкунандаи ҳаҷми иҷорапулӣ барои давраҳои боқимонда мебошад. Ин пойгоҳ барои муқоиса дорои ҳадди муайян аст - ҳам ҳадди болоӣ ва ҳам ҳадди поёнӣ.

122. Бо мувофиқаи тарафҳо як қисми иҷорапулӣ метавонад ба иҷорадеҳ пардохта шавад, қисми дигараш барои пӯшонидани ягон хароҷоте, ки иҷорадеҳ тасдиқ кардааст, ба монанди арзиши хизматрасонии асосии техникӣ, суғурта ва ғ. равона гардад.

123. Ҳар ду тараф метавонанд дар бораи тағйир додани ҳаҷми иҷорапулии давраҳои оянда, яъне даврахое, ки дар онҳо иҷорагир ҳанӯз аз иҷора ягон манфиат намегирад, бо роҳи нав кардани шартномаи иҷора мувофиқа кунанд. Иҷорапулие, ки барои ягон давраи пешина пардохт нашудааст, ба қарз табдил меёбад, ки онро иҷорагир бояд ба иҷорадеҳ пардохт кунад, бинобар ин он наметавонад зиёд карда шавад.

124. Барои таъмини пардохти иҷорапулӣ ва беэътиноӣ ба моликияти иҷора иҷорагир таъмини кафолатнокро дар шакли доироиҳои пардохтпазир пешниҳод мекунад.

125. Иҷорадеҳ ҳуқуқ дорад аз иҷорагир пеш аз муҳлат пардохт кардани иҷорапулиро дар ҳолати беасос ба таъхир андохтани пардохти навбатии иҷорапулӣ бо шарти ёдрас кардани муҳлати пардохт ба иҷорагир, талаб намояд.

126. Ҳар ду тараф метавонанд дар бораи пардохти фаврии иҷорапулӣ мувофиқа кунанд. Иҷорапулӣ метавонад қисм ба қисм пардохт карда шавад, дар ин ҳолат иҷорадеҳ метавонад муқарраротеро пешбинӣ намояд, ки мутобиқи он иҷорагир бояд фавран маблағҳои боқимондаро пардохт кунад, агар вай баъди гирифтани огоҳиномаи дахлдор дар бораи зарурати пардохти маблағ дар давраи муайян қисми пардохти иҷорапулиро бе сабабҳои асоснок ба таъхир андозад. Ҳар гуна ҳолати тезонидани супоридани иҷорапулии боқимонда дар сурати иҷро накардани уҳдадориҳо, бояд дар охири давраи амали шартномаи иҷора, ё агар шартномаи иҷора пеш аз муҳлат қатъ ёбад, дар лаҳзаи қатъёбӣ танзим карда шавад. Ҳар гуна ҳолати аз ҷониби иҷорадеҳ тамдид кардани муҳлати амали шартнома баъди анҷом ёфтани давраи пешбинишудаи пардохти фаврӣ, ҳамчун розигӣ барои дар давоми давраи чунин тамдиди муҳлат ба таъхир андохтани пардохт дониста шуда, ҳуқуқи иҷорагир дониста намешавад.

127. Иҷорадеҳ наметавонад иҷорапулии пешбинишударо дар сурати аз ҷониби иҷорагир ба таъхир афтидани пардохтҳо зиёд кунад.

128. Дар шартномаи иҷора ё иҷора мунтаҳия биттамлик имкон дорад муқаррароте пешбинӣ гардад, ки тибқи он иҷорагире, ки

пардохтҳоро беасос ба таъхир андохтааст, маблағи муайян ё ҳиссаи иловагиро аз иҷорапулии пешбинишуда дар ҳолати пардохти таъхиршуда пардохт намояд. Пардохти чунин маблағ, ки аз иҷорапулии пешбинишуда зиёд аст, барои мақсадҳои хайрия равона мешавад. Дар сурати аз даст додани ҳуқуқи гирифтани таъмини кафолатноки иҷорагир, иҷорадеҳ метавонад аз ин маблағ танҳо маблағи ҳамчун иҷорапулии давраҳои пешина ба вай ҳисобшударо, вале на ҳамаи қисмҳои иҷорапулиро тарҳ кунад, аз ҷумла пардохтпулиҳои ҳанӯз мӯҳлаташон норасидаи давраҳое, ки иҷорагир ҳанӯз аз моликияти иҷора манфиат нагирифтааст. Иҷорадеҳ метавонад инчунин аз маблағи таъмини кафолатнок ҳама гуна ҷуброни қонуниро, ки иҷорагир бояд барои вайрон кардани шартнома пардохт кунад, тарҳ намояд.

129. Иҷорадеҳ метавонад молу мулки иҷораро ба шахси сеюм фурӯшад, ӯро дар бораи мавҷудияти шартномаи иҷора огоҳ намояд. Дар ин маврид ҳамаи ҳуқуқу уҳдадориҳо аз рӯи шартнома ба молики нав мегузарад.

130. Дар ҳолати вайрон шудани молу мулки иҷора, шартномаи иҷора қатъ гардида, иҷорапулиҳои боқимонда пардохт карда намешаванд.

131. Иҷорагир барои зараре, ки бо гуноҳи ӯ ба миён омадааст, ҷавобгар мебошад.

132. Дар сурати қисман осеб дидани молу мулк, ки дар натиҷа боиси камшавии даромадҳои пешбинишуда мегардад, иҷорагир ҳуқуқ дорад шартномаи иҷораро қатъ намояд. Ҳамчунин дар ин ҳолат тарафҳо метавонанд дар бораи тағйир додани ҳаҷми иҷорапулӣ гуфтушунид кунанд, вале дар ин ҳангом иҷорапулӣ барои мӯҳлате, ки фоида гирифта нашудааст, ситонида намешавад. Иҷорадеҳ бояд ҳамин гуна молу мулкро барои минбаъд амалӣ намудани шартномаи иҷора пешниҳод кунад, дар акси ҳол шартнома қатъ мегардад.

133. Агар иҷорагир истифодаи молу мулки иҷораро қатъ намояд ё онро ба иҷорадеҳ бе розигии ӯ баргардонад, он гоҳ иҷорапулӣ бояд ба иҷорадеҳ барои давраҳои боқимондаи амали шартномаи иҷора

пардохта шавад ва иҷорадеҳ наметавонад онро ба иҷорагири дигар дар давоми муддати амали шартнома ба иҷора диҳад, вале бояд молу мулкро дар ихтиёри иҷорагири ҷорӣ нигоҳ дорад.

134. Шартномаи иҷора дар ҳолатҳои зерин метавонад қатъ гардад:

- бо розигии тарафҳо;
- дар сурати вайрон карда шудани муҳлат ё қатъ шудани иҷорапулӣ;
- ҳангоми осебрасонии молу мулки иҷора;
- ба охир расидани муҳлати амали шартнома;
- ҳангоми фурӯши молу мулк ба иҷорагир.

135. Интиқоли ҳуқуқи молу мулк бо ҳуҷҷате, ки аз шартномаи иҷора алоҳида аст, дар шакли ваъда тасдиқ карда мешавад:

- ваъдаи фурӯш бо нархи рамзӣ ё дигар нархи таъйидшуда ё бо ёрии пардохти афзояндаи қисмати боқимондаи иҷорапулӣ ё бо роҳи пардохти арзиши бозории молу мулки иҷора;
- ҳадя кардани он бе нишон додани сабаби он;
- ҳадя кардани он баъди пардохти иҷорапулии боқимонда.

Дар ҳамаи ҳолатҳои дар боло номбаршуда ҳуҷҷати алоҳидае, ки ваъдаи ҳадя кардани молу мулк, фурӯхтани он ё ҳадя кардани онро баъди фарорасии ҳодисаи муайян тасдиқ мекунад, бояд алоҳида аз шартномаи иҷораи мунтаҳия биттамлик тартиб дода шавад. Онро ҳамчун қисми ҷудонопазири шартномаи иҷора донистан лозим нест.

136. Ваъдаи додани ҳуқуқи моликият барои иҷорадеҳ ҳатмӣ мебошад, дар ин маврид шартномаи дуҷониба баста намешавад.

137. Додани ҳуқуқи моликият дар асоси шартномаи ҳадя ё фурӯш, ки алоҳида аз шартномаи иҷора ва ваъдаи додашуда баста мешавад, сурат мегирад.

138. Дар сурати бастани шартнома бо шарти мавқуфгузорӣ, барои иҷро намудани шартҳои додани ҳуқуқи моликият шартномаи нав баста намешавад. Дар сурати пардохт нагардидани ақаллан як пардохтпулӣ, ҳуқуқи соҳибмулкӣ интиқол дода намешавад.

139. Қоидаҳое, ки шартномаи иҷораро танзим мекунанд, бояд барои шартномаи иҷораи мунтаҳия биттамлик низ татбиқ гарданд, яъне иҷорадеҳ ваъда додааст, ки ҳуқуқи моликиятро ба молу мулки иҷора ба иҷорагир диҳад. Ҳеҷ яке аз ин қоидаҳо набояд бо баҳонаи он вайрон шаванд, ки молу мулки иҷора аз ҷониби иҷорадеҳ дар асоси ваъдаи иҷорагир харида шудааст ва баҳонаи он ки ӯ онро мехарад ё ҳуқуқи моликияти он ба вай дода мешавад, ё ӯ иҷорапулиро аз меъёри муқарраршудаи ҳамин гуна молу мулк зиёдтар пардохт мекунад ва он ба пардохтҳои ҳангоми фурӯши муҳлат ба муҳлат қабулшуда баробар аст ё аз сабаби он, ки қонунгузории дохилӣ ва амалияи қабулшудаи бонкӣ ин гуна амалиётро ҳамчун фурӯши муҳлат ба муҳлат бо тамдиди муҳлати додани ҳуқуқи моликият ҳисоб мекунанд.

140. Додани ҳуқуқи моликият ба молу мулки иҷора наметавонад бо роҳи татбиқи шартномаи фурӯш якҷо бо шартномаи иҷора анҷом дода шавад, зеро шартномаи фурӯш дар санаи муайян дар оянда эътибор пайдо мекунад.

141. Агар молу мулки иҷора вайрон шуда бошад ё агар идома додани шартномаи иҷора то анҷомёбии муҳлати амал бо сабабе, ки ба он иҷорагир алоқамандӣ надорад, ғайриимкон гардад, он гоҳ барои ҳар ду ҳолат иҷорапулӣ дар асоси арзиши афзалиятдоштаи бозорӣ тасҳеҳ карда мешавад.

142. Иҷора барои мақсадҳои ҳисобдорӣ ҳамчун иҷораи амалиётӣ ва иҷораи мунтаҳия биттамлик – ҳамчун иҷораи молиявӣ тасниф мешавад.

143. Аҳди қарзи ҳасана. Аҳди (Шартномаи) қарзи ҳасана – аҳде, ки тибқи шартҳои он як тараф дар асоси шартнома маблағи пулиро ба тарафи дигар бе изофапули бо шартҳои бозгардонӣ ё бо мақсадҳои хайрия пешниҳод мекунад. Ташкилоти қарзии исломӣ аҳди қарзи ҳасанаро ҳамчун як шакли ҷалби маблағ ё ҳамчун шакли қарздиҳӣ бо шартҳои бозгардонӣ бидуни ситонидани ҳаққи хизмат (маблағ) баррасӣ мекунад.

144. Шартномаи қарзи ҳасана дар шакли хаттӣ баста мешавад. Шартномаи қарзи ҳасана набудани ягон навъи даромадро аз яке аз

тарафҳои шартнома ва имконияти ихтиёрдории маблағҳои гирифтаро бо тарафи дигари шартнома дар назар дорад.

145. Шартномаи қарзи ҳасана шартҳои муҳими зеринро дар бар мегирад:

- андозаи маблағи қарзи ҳасана;

- муҳлати амали шартнома, санаи бозгардонӣ;

- ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо;

- пардохти ҳаққи хизматрасонии ташкилоти қарзии исломӣ барои пешбурди суратҳисоби ҷорӣ.

146. Дар фаъолияти бонкии исломӣ маблағҳои пулие, ки аз рӯи шартҳои шартномаи қарзи ҳасана ҷалб шудаанд, заминаи захираҳои ташкилоти қарзии исломиро ташкил дода, ҳамчун амонатҳои дархостӣ дониста мешаванд.

147. Мутобиқи шартҳои шартномаи қарзи ҳасана муштарӣ ба ташкилоти қарзии исломӣ маблағҳои пулиро бе изофапулӣ бо имконияти ихтиёрдории озодонаи ин маблағҳо пешниҳод мекунад ва ташкилоти қарзии исломӣ дар навбати худ метавонад як қисми захираҳои ҷалбшударо мутобиқи сиёсати сармоягузории худ истифода барад.

148. Бо мақсади нигоҳдории сатҳи талабшавандаи пардохтпазирии ҷорӣ ва қобилияти сари вақт иҷро кардани уҳдадориҳо ба ташкилоти қарзии исломӣ зарур аст, ки ҳаҷми кофии маблағҳои пулиро дар хазина ё суратҳисоби муросилотӣ нигоҳ дорад.

149. Аз рӯи шартҳои шартномаи қарзи ҳасана ташкилоти қарзии исломӣ метавонад ба дорандаи суратҳисоб бо истифодаи дафтарчаи чек ё корти пластикӣ хизмат расонад. Дар ин ҳолат ташкилоти қарзии исломӣ метавонад аз соҳиби суратҳисоб барои хизматрасонии пешбурд ва хизматрасонии суратҳисоби ҷорӣ маблағ ситонад.

Дар баъзе ҳолатҳо ташкилоти қарзии исломӣ метавонад имконияти ба муштарӣ додани қарзро аз рӯи шартҳои шартномаи қарзи ҳасана баррасӣ намояд.

150. Ҳангоми тибқи шартномаи қарзи ҳасана кушодани суратҳисоб ба муштарӣ, ташкилоти қарзии исломӣ бояд ҳамаи талаботи заруриро оид ба мушаххас кардани шахсияти муштарӣ

мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон иҷро намояд.

151. Маблағҳои ҷалбкардаи ташкилоти қарзии исломӣ аз рӯи шартҳои шартномаи қарзи ҳасана дар суратҳисобҳои тавозунии ташкилоти қарзии исломӣ аз рӯи маблағи асосии воридшуда тибқи шартнома ба ҳисоб гирифта мешавад. Ҳисобгирии суратҳисобҳои амонатӣ бо асъори хориҷӣ бо номинали асъор бурда мешавад.

152. Аҳди қарзи ҳасана барои ҷалби маблағҳои пулӣ  ба амалиёти амонатӣ (амонатҳои мухлатнок ё дархостӣ) баробар карда мешавад. Ҳамчунин тибқи ин муқаррарот, аз ҷумла тибқи аҳди қарзи ҳасана ташкилоти қарзии исломӣ хавфи таҷаммӯъро (хавфи таҷаммӯи зиёди захираҳои сармоягузорӣ) муайян карда, мувофиқи муқаррароти дохилӣ онро идора мекунад.

153. Дороиҳое, ки тибқи аҳди қарзи ҳасана ҷойгир карда шудаанд, ба дороиҳои дорои хавфи қарзӣ баробар карда шуда, мувофиқан таҳти ҳама гуна маҳдудиятҳои марбут ба ҷойгирсозии қарзҳо қарор мегиранд.

154. Аҳди истисноъ ва истисноъи мувозӣ. Аҳди (Шартномаи) истисноъ – фурӯши молу мулке, ки бояд аз ҷониби истеҳсолкунанда ё пудратчии сохтмон истеҳсол ё сохта шуда, баъди анҷомёбии кор ба фармоишгар вогузор карда шавад. Аҳди истисно бо молу мулки мавҷуда анҷом дода намешавад.

155. Дар аҳди истисноъ ва истисноъи мувозӣ мафҳумҳои зерин истифода мешаванд:

- истеҳсолкунанда, пудратчии сохтмон – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад;

- муштарӣ – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки истеҳсоли предмети шартномаро аз рӯи таснифоти муайян фармоиш медиҳад.

156. Предмети шартномаи истисноъ истеҳсоли мол ё иншооти вуҷуднадошта аст, ки бо талаби фармоишгар мушаххасоти хос дошта, истеҳсолкунанда розӣ аст онро аз рӯи таснифоти мувофиқашуда иҷро намояд.

157. Аҳди истисноъи мувозӣ бо ёрии ду шартномаи алоҳида амал мекунад. Дар шартномаи аввал ташкилоти қарзии исломӣ ҳамчун таҳвилгар амал карда, бо фармоишгар шартнома мебандад. Дар шартномаи дувум ташкилоти қарзии исломӣ ҳамчун харидор амал карда, бо истеҳсолкунанда, пудратчии сохтмон ё таҳвилгар барои иҷро кардани уҳдадориҳои шартномавиаш дар назди фармоишгар, ки дар доираи шартномаи якум дошт, шартномаи дигар мебандад. Дар рафти иҷрои ин муомила ташкилоти қарзии исломӣ аз ҳисоби фарқияти нархи байни ду шартнома фоида ба даст меорад. Яке аз шартномаҳо фавран баста мешавад (яъне шартномаи истисноъ, ки ташкилоти қарзии исломӣ бо истеҳсолкунанда, пудратчии сохтмон ё таҳвилгар мебандад), шартномаи дуюм бошад (яъне шартнома бо фармоишгар) баъдтар баста мешавад.

158. Ҳангоми бастани шартномаи истисноъ муштарӣ бо ариза ба ташкилоти қарзии исломӣ барои гирифтани маҳсулоти тайёр баъди сохтани он дар доираи уҳдадориҳои шартномавӣ муроҷиат мекунад, ба шарте ки маводи дахлдор ва корро истеҳсолкунанда пешниҳод намояд. Тарафҳои шартнома таснифоти молро бо нархи муайяне, ки фавран ё баъди давраи муайян пардохт мекунанд, муайян менамоянд.

Ташкилоти қарзии исломӣ бояд қобилияти пардохтпазирии фармоишгари молро дар асоси ҳуҷҷатҳои молиявии пешниҳодшуда баҳо диҳад.

159. Ташкилоти қарзии исломӣ ва муштарӣ шартномаи истисноъро пеш аз соҳиб шудани ҳуқуқи моликият ба предмети шартнома, ки бояд ба муштарӣ фурӯхта шавад ё пеш аз соҳиб шудани ҳуқуқи моликият ба маводи аз онҳо предмети шартнома истеҳсолшаванда (ё сохташаванда) мебанданд.

160. Шартномаи истисноъ барои тарафҳои шартнома дар сурати иҷро гардидани шартҳои муайян, ки мушаххасоти навъ, сифат ва миқдори предмети аз рӯи шартнома истеҳсолшавандаро дар бар мегирад, ҳатмӣ мебошад.

161. Шартномаи истисноъ дар шакли хаттӣ баста шуда, аз нигоҳи ҳуқуқӣ ҳатмӣ мебошад. Тарафҳои шартнома бо ҳамаи уҳдадориҳо ва

пайомадҳое, ки аз аҳду паймони онҳо бармеоянд, алоқаманд мебошанд.

162. Истеҳсолкунанда уҳдадор аст молеро, ки предмети шартномаи истиснођ мебошад, мутобиқи мушаххасот дар давоми муҳлати муайяншуда истеҳсол намояд.

163. Дар шартномаи истиснођ нархи предмет, санаи молрасонӣ, захираҳои истифодашаванда (худӣ ё бо ҷалби молҳое, ки дигар шахсон қабл аз бастани шартнома истеҳсол кардаанд, агар дар шартнома шарти дигаре пешбинӣ нашуда бошад) нишон дода мешавад.

164. Пеш аз бастани шартномаи истиснођ ҳамаи пешниҳодҳо оид ба муайян кардани нарх баррасӣ карда мешаванд.

165. Нархи предмети шартнома дар лаҳзаи бастани шартнома муайян карда шуда, мумкин аст дар шакли пулӣ ё воситаҳои моддӣ пардохт карда шавад. Нарх имкон дорад баъдан ё қисм ба қисм дар давоми муҳлати муайян пардохт карда шавад, ё агар таҳвили предмети шартнома давра ба давра бошад, он гоҳ як қисми нарх мумкин аст фавран ва қисми боқимонда қисм ба қисм тибқи давраҳои таҳвил ё иҷрои кор пардохт карда шаванд.

166. Нарх аз рӯи шартномаи истиснођ метавонад вобаста ба дигаршавии санаи таҳвил фарқ кунад. Нархи предмети шартномаи истиснођ наметавонад дар асоси "хароҷот ҷамъи фоидаи устувор" муайян карда шавад. Ташкилоти қарзии исломӣ иттилооти дигари дилерҳо ва таҳвилгаронро барои баҳодиҳии хароҷот ва муайян кардани фоидаи дар оянда гирифташаванда истифода мебарад.

167. Шартномаи истиснођ метавонад барои сохтмони объектҳои амволи ғайриманқул дар қитъаи муайяни замин, ки ба харидори ниҳоӣ ё пудратчӣ тааллуқ дорад, ё дар замине, ки аз истифодаи он ҳар яки онҳо манфиат мегиранд, баста шавад.

168. Дар сурати муфлисшавии истеҳсолкунанда, муштарӣ барои истеҳсолоти нотамом ҳуқуқи афзалиятнок дорад, ба шарте ки муштарӣ як қисми арзиши масолеҳи ибтидоиро пардохт кунад.

169. Тарафҳо муҳлат муқаррар мекунанд, ки дар давоми он истеҳсолкунанда барои ҳар як нуқсон ё хизматрасонии техникии

иншоотҳое, ки предмети шартномаи истиснoъ ҳастанд, ҷавобгар мебошад.

170. Баъди бастани шартномаи истисно бо мувофиқаи тарафҳо ворид кардани тағйирот ба мушаххасоти қаблан мувофиқашуда барои истеҳсол ё сохтмон, инчунин ворид кардани талаботи иловагӣ иҷозат дода мешавад, ба шарте ки нарх мувофиқан дигар карда шуда, барои иҷрои талаботи нав давраи дахлдори асоснок пешниҳод карда шавад.

171. Барои тамдид кардани муҳлати пардохт маблағи иловагӣ ситонида намешавад. Барои ҳаққи хизмати иловагӣ тахфиф иҷозат дода мешавад, ҳатто агар он ҳангоми бастани шартнома пешбинӣ нашуда бошад.

172. Дар сурати ба миён омадани ҳолатҳои ғайричашмдошт (форс – мажор) мумкин аст бо мувофиқаи тарафҳо ё бо тартиби судӣ нарх тағйир дода шавад.

173. Ташкилоти қарзии исломӣ метавонад пудратчиро иваз карда, бо фармоишгар барои анҷом додани лоиҳае, ки бо пудратчии пешина оғоз шуда буд, шартномаи истиснoъ бандад. Дар ин ҳолат, лоиҳа бояд дар асоси мақоми мавҷудаи лоиҳа аз ҳисоби фармоишгар баҳо дода шавад. Ҳамчунин фармоишгар барои ҳамаи қарзҳои нопардохта шахсан ҷавобгар мебошад, агар чунин қарзҳо дар натиҷаи шартномаи нотамоми истиснoъ ба миён оянд. Минбаъд барои иҷрои корҳои боқимонда шартномаи нави истиснoъ баста мешавад.

174. Дар ҳолати сохтани бино ё иншооти коммуналӣ дар замине, ки ба фармоишгар тааллуқ дорад, шартномаи истисно метавонад аз ҳисоби истеҳсолкунанда анҷом дода шавад, агар истеҳсолкунанда шартномаро иҷро накунад, ё корро дар давраи муқарраршуда анҷом дода натавонад ва ин муқаррарот аз лаҳзаи аз ҷониби истеҳсолкунанда қатъ гардидани корҳо эътибор пайдо мекунад.

175. Агар пудратчӣ аз уҳдаи идома додани иҷрои уҳдадориҳояш набарояд, фармоишгар (соҳиби замин) ҳуқуқ надорад ба иншоотҳои нотамоми сохтмонӣ ё коммуналӣ ва дигар, ки аллакай тайёранд, бе ҷуброни маблағ ба пудратчӣ соҳибмулк шавад. Ин шарт ба сабабе, ки аз рӯи он пудратчии корро идома дода наметавонад, вобаста аст:

- агар шартнома бо гуноҳи пудратчӣ иҷро нагардад, он гоҳ муштарӣ метавонад танҳо арзиши пардохтшудаи иншооти сохташударо гирад ва пудратчии сохтмон бояд ба харидори ниҳоӣ маблағи зарари воқеан ба вай расидаро ҷуброн кунад;

- агар иҷро нагардидани шартнома бо амалҳои ғайриқонунии фармоишгар вобаста бошанд, он гоҳ пудратчӣ барои гирифтани маблағи баробар ба арзиши кори анҷомёфта ва ҷубронпулӣ барои ягон зарари расида ҳуқуқ дорад;

- агар шартнома бо сабабҳое, ки ҳеҷ яке аз тарафҳо ба онҳо алоқамандӣ надоранд, иҷро нагардад, он гоҳ харидори ниҳоӣ танҳо барои иншооти сохташуда, ки аллакай мавҷуд ҳаст, ҳуқуқ дорад ва ягон тараф барои ҷуброн кардани зарар ё зиёни ба тарафи дигар расида ҷавобгар намебошад.

176. Дар ҳолати тағйир ёфтани қонунгузорӣ, ки арзиши предмети шартномаро зиёд менамояд, хароҷоти иловагиро фармоишгар ба зимма мегирад.

177. Ташкилоти қарзии исломие, ки ҳамчун истеҳсолкунанда ё харидори ниҳоӣ амал мекунад, метавонад ба сифати кафолат мувофиқан маблағ пешпардохт кунад ё агар шартҳои шартнома иҷро шаванд, пардохти онро, ки як қисми нархро ташкил медиҳад, талаб кунад, ё агар шартнома бекор карда шавад, ҳамчун ҷарима ситонида шавад ва мувофиқи мақсад аст, ки ин маблағ ба ҳаҷми зарари воқеан расида баробар бошад.

178. Дар шартномаи истисноъ ташкилоти қарзии исломӣ новобаста ба он ки ҳамчун истеҳсолкунанда амал мекунад ё фармоишгар, метавонад кафолатҳоеро талаб кунад, ки онҳоро барои таъмини ҳуқуқҳои худ дар муносибат бо фармоишгар ё истеҳсолкунанда кофӣ мешуморад. Ташкилоти қарзии исломие, ки ҳамчун фармоишгар амал мекунад, метавонад бо дархости истеҳсолкунанда ба вай кафолатҳое диҳад, ки метавонанд дар шакли гарав, кафолати шахсӣ, гузашти ҳуқуқҳо, суратҳисоби ҷорӣ ё розигӣ барои манъи гирифтани маблағ аз ҳисоб бошанд.

179. Ташкилоти қарзии исломӣ, ки ҳамчун фармоишгар амал мекунад, метавонад бо розигии истеҳсолкунанда ширкати машваратии таҷрибаи техникӣ доштаро барои холисона баҳо додани иҷрои шартнома ва додани тавсияҳо доир ба пардохт, таҳвил ва ғайра таъин намояд.

180. Ташкилоти қарзии исломӣ, ки ҳамчун истеҳсолкунанда амал мекунад, метавонад шартномаи алоҳидаи агентӣ бандад, ки мутобиқи он фармоишгар агенти назорати сохтан ё иҷрои корҳои сохтмонӣ бо мақсади таъмини мутобиқати предмети шартнома ба мушаххасоти шартнома таъин карда мешавад. Хароҷоти иловагӣ барои назорати иҷрои шартномаи истисноъ бо мувофиқаи тарафҳо пардохт карда мешавад.

181. Агар предмети шартномаи истисноъ ба харидори ниҳоӣ ё ба шахси таъинкардаи вай дода шавад ва агар харидори ниҳоӣ аз уҳдаи пурра назорат кардани предмети шартнома бarояд, истеҳсолкунанда аз уҳдадорӣ озод карда мешавад.

182. Агар ҳолати предмети шартномаи истисноъ ба мушаххасоти шартнома дар санаи таҳвил  мутобиқат накунад, фармоишгар ҳуқуқ дорад аз он даст кашад ё онро қабул кунад, ки ин маънои қаноатбахш иҷро шудани шартномаро бо имконияти тағйир додани нарх дорад.

183. Фармоишгар уҳдадор аст предмети таҳвилшудаи шартномаро қабул кунад, агар барои рад кардани он асоси кофӣ набошад. Барои рад кардани қабули предмети шартномаи истисно бояд сабабҳои досткашӣ дақиқ баён карда шаванд.

184. Дар сурати беасос рад кардан, предмети шартнома дар соҳибии истеҳсолкунанда боқӣ мемонад ва дар ин ҳолат истеҳсолкунанда барои зарару зиёне, ки имкон дорад ба предмети шартнома расад, ба ҳеҷ ваҷҳ ҷавобгар намебошад, агар чунин зарару зиён дар натиҷаи беэътиноӣ ё амалҳои ғайриқонунии истеҳсолкунанда ба амал наомада бошанд. Фармоишгар хароҷоти беосеб нигоҳ доштани предмети шартномаро ба зимма дорад.

185. Предмети шартномаи истисноъ аз лаҳзаи воқеан барои соҳибӣ ба харидори ниҳоӣ додани он таҳвилшуда ҳисоб мешавад, ки ин

ба вай имкон медиҳад назорати предмети шартномаро баъди анҷомёбии раванди истеҳсол ба даст орад. Дар ин марҳила уҳдадории истеҳсолкунанда нисбат ба предмети шартнома ба охир расида, уҳдадории харидори ниҳоӣ оғоз мeёбад. Агар харидори ниҳоӣ имконияти назорат кардани предмети шартномаро ба даст оварда бошад, он гоҳ ҷавобгарӣ барои ҳар гуна зарару зиёне, ки баъдан ба предмети шартнома бидуни далели ҷой доштани беэътиноӣ ё амалҳои ғайриқонунӣ аз тарафи истеҳсолкунанда расонида мешавад, ба зиммаи харидори ниҳоӣ вогузор мегардад.

186. Истеҳсолкунанда метавонад зимни амалиёти фурӯши предмети шартнома ҳамчун агенти фармоишгар амал кунад, агар фармоишгар дар қабули предмети шартнома дар давоми давраи муқарраршуда таъхир кунад. Дар ин ҳолат истеҳсолкунанда предмети шартномаро аз номи фармоишгар фурӯхта баъди тарҳ кардани арзиши қайдшудаи шартномавӣ маблағҳои боқимондаро, агар мавҷуд бошанд, ба фармоишгар бармегардонад. Агар нархи он аз нархи дар шартнома қайдшуда пасттар бошад, он гоҳ истеҳсолкунанда ҳуқуқ дорад барои  ҷуброни маблағи боқимонда ба фармоишгар муроҷиат намояд. Фармоишгар хароҷоти фурӯши предмети шартномаро ба зимма дорад.

187. Муҷозоти ҷаримавӣ барои вайрон кардани иҷрои шартҳои таҳвили предмети шартнома ҳамчун ҷуброни дахлдор барои зарари расонида татбиқ мегардад. Чунин ҷуброн танҳо он вақт иҷозат дода мешавад, ки агар таъхирандозӣ дар натиҷаи ҳолатҳои ғайричашмдошт ба миён наомада бошад. Бо вуҷуди ин, пешбинӣ намудани шарт дар бораи муҷозоти ҷаримавӣ нисбат ба фармоишгари ниҳоӣ барои пардохт накардани маблағ иҷозат дода намешавад.

188. Фурӯхтани предмети шартнома пеш аз воқеан ба соҳибии ташкилоти қарзии исломӣ гузаштани он иҷозат дода намешавад.

189. Ташкилоти қарзии исломие, ки ҳамчун фармоишгар амал мекунад, баъди соҳибии предмети шартнома метавонад истеҳсолкунандаро ҳамчун намояндаи фурӯши предмети шартнома ба

фармоишгарон таъин кунад. Шартномаи агентӣ алоҳида аз шартномаи истисноъ баста мешавад.

190. Ташкилоти қарзии исломӣ метавонад молҳоро аз рӯи мушаххасот фармоиш дода, бо мақсади таъмини пардохтпазирии истеҳсолкунанда нархи онҳоро ҳангоми бастани шартнома нақдӣ пардохт кунад. Баъдан ташкилоти қарзии исломӣ метавонад бо тарафи дигар бо мақсади фурӯш акнун ҳамчун истеҳсолкунанда ё таҳвилгари молҳое, ки мушаххасоти онҳо ба талаботи тарафи дигар тибқи шартномаи истисноъи мувозӣ мутобиқат дорад, шартнома бандад ва мувофиқан уҳдадориҳои аз рӯи шартнома ба зимма гирифтаашро иҷро намояд. Ба шарте ки таърихи таҳвил, ки дар шартномаи истисноъи мувозӣ (шартномаи фурӯш) пешбинӣ шудааст, аз таърихи пешбиникардаи шартномаи аввали харид пештар набошад ва илова бар ин ду шартнома бояд алоҳида аз ҳамдигар бошанд.

191. Ба ташкилоти қарзии исломие, ки ҳамчун истеҳсолкунанда ва таҳвилгар амал мекунад, бастани шартномаи истисноъ бо мақсади муҳлат ба муҳлат ба фармоишгар фурӯхтани ин гуна молҳо ва бастани шартномаи истисноъи мувозӣ ва фавран пардохт кардани маблағ ба истеҳсолкунанда ва ё пудратчии сохтмон барои харидани молҳои дар мушаххасоти шартномаи якум қайдшуда ва фурӯши онҳо ба фармоишгар иҷозат дода мешавад. Ин ба шарте иҷозат аст, ки ду шартнома мустақил аз ҳамдигар бошанд.

192. Дар сурати бастани шартномаи истисноъ ташкилоти қарзии исломӣ ба ҳайси истеҳсолкунанда ё таҳвилгар барои ба зимма гирифтани хавфи молу мулкӣ, хароҷоти хизматрасонии техникӣ ва суғуртакунӣ пеш аз додани предмети шартнома ба фармоишгар уҳдадор мешавад. Ташкилоти қарзии исломӣ наметавонад дар шартномаи истисноъи мувозӣ, ки бо истеҳсолкунандаи мол бастааст, масъулияти хавферо, ки аз уҳдадориҳои ӯ дар назди фармоишгар бармеояд, ба вай интиқол диҳад.

193. Робитаҳои шартномавӣ байни уҳдадориҳо аз рӯи ду шартнома (шартномаи истисноъ ва истисноъи мувозӣ) ҳангоми баста шудан иҷозат дода намешавад. Ҳамин тавр ба тарафе, ки дар

шартномаи муқаррарии истисноъ иштирок мекунад, даст кашидан аз уҳдадориҳояш ё ба таъхир андохтани интиқоли предмети шартнома иҷозат дода намешавад, зеро уҳдадории вай аз рӯи шартномаи истиснои мувозӣ иҷро намешавад, ё баланд кардани нархи молҳои таҳвилшаванда бинобар болоравии арзиши молҳо тибқи шартномаи истиснои мувозӣ иҷозат дода намешавад. Бо вуҷуди ин, маҳдудияти ҳуқуқҳои ташкилот барои пешбинӣ кардани шарту талабот ҳангоми бастани шартномаи мувозии истисноъ, вақте ки вай ба ҳайси харидор амал мекунад, вуҷуд надорад, аз ҷумла шарт дар бораи муҷозоти ҷаримавии аз ҳамин гуна шарт фарқкунанда, ки фармоишгар дар шартномаи якуми истисноъ пешбинӣ кардаасту дар он ташкилоти қарзии исломӣ ба ҳайси таҳвилгар амал мекунад.

194. Ҳамаи хароҷоти минбаъдаи ташкилоти қарзии исломӣ вобаста ба таҳияи предмети шартномаи истисноъ арзиши сармоягузориро зиёд карда, дар ҳисобҳои тавозунии дахлдор ҷамъ мегардад.

195. Агар аз рӯи шартҳои шартнома муштарӣ бо баробари анҷомёбии марҳилаҳои алоҳидаи раванди сохтани моли фармоишшуда маблағҳои пулӣ ворид кунад, ташкилоти қарзии исломӣ онҳоро барои пардохти қарз равона месозад.

196. Бо баробари анҷомёбии раванди таҳияи предмети шартнома, ташкилоти қарзии исломӣ дар асоси шартномаи хариду фурӯш объектро ба муштарӣ медиҳад ва эътирофи онро танҳо баъди аз ҷониби муштариён пурра пардохт шудани арзиши дар шартнома зикршуда бо нишон додани маблағи даромади аз фурӯш гирифта қатъ мекунад.

197. Дороиҳое, ки аз рӯи шартномаҳои истисноъ ва истисноъи мувозӣ ҷойгир карда шудаанд, ҳамчун қарз ба ҳисоб гирифта шуда, ба дороиҳои дорои хавфи қарзӣ баробар карда мешаванд ва мувофиқан таҳти ҳама гуна маҳдудиятҳои марбут ба ҷойгирсозии қарзҳо қарор мегиранд.

198. Аҳди кафолатҳо. Аҳди (Шартномаи) кафолатҳо – аҳди саривақт иҷро кардани уҳдадориҳои шартномаҳо дар бораи фурӯш,

мубодила, иҷора, ҳуқуқҳо ва дигар шартномаҳо буда, метавонад бо гарав, кафолат ва дигар тарзҳои пешбиникардаи аҳди мазкур таъмин карда шавад.

199. Иҷрои уҳдадориҳо мумкин аст дар як вақт бо чанд тарз, масалан бо кафолати шахсӣ ва гарав таъмин карда шавад.

200. Кафолат ба ду навъ тақсим мешавад:

- кафолат бо ҳуқуқи муроҷиат кардан ба қарзгиранда дар ҳолати пардохт накардани қарз аз тарафи ӯ. Ин навъи кафолатест, ки бо талаб ва ё ризояти қарзгиранда сурат гирифтааст.

-кафолат бе ҳуқуқи муроҷиат кардан ба қарзгиранда ҳангоми пардохт накардани қарз аз тарафи ӯ. Ин кафолатест, ки бе иҷозати қарзгиранда сурат гирифтааст.

201. Агар қарздеҳ қарздорро аз пардохти қарз озод кунад, он гоҳ кафил низ аз уҳдадории пардохти қарз озод карда мешавад. Аммо агар қарздеҳ кафилро аз масъулияти молиявӣ озод карда бошад, қарзи қарзгир боқӣ мемонад.

Дар сурати аз ҷониби кафил пардохт шудани қарз, қарзгир ба вай танҳо маблағи пардохткардаашро ҷуброн мекунад.

202. Агар ташкилоти қарзии исломӣ шартномаро дар асоси музораба ё мушорака анҷом диҳад, он гоҳ ба вай кафолат додани тағйирёбии қурби асъор иҷозат дода намешавад.

203. Агар дар шартнома ишора шавад, ки қарзгир бояд таъминотро дар шакли кафолати шахси сеюм пешниҳод кунад ва қарзгир кафилро пешниҳод накунад, он гоҳ ташкилоти қарзии исломӣ дар сурати пешниҳод накардани кафил ҳуқуқ дорад уҳдадориҳоро то пешниҳоди таъминот иҷро накунад ё шартномаро бекор намояд.

204. Бастани шартномаи гарав барои гаравдеҳ ҳатмист ва он яктарафа қатъ намегардад, зеро гаравгир низ мувофиқан метавонад шартномаи гаравро бекор кунад. Фавти гаравдеҳ ё гаравгир ва ё барҳамхӯрии шахси ҳуқуқӣ ба амали шартномаи гарав таъсир намерасонад ва ворисони ҳуқуқӣ гаравдеҳ ва ҳам гаравгирро барои пардохт ва гирифтани фоида аз гарав иваз мекунанд.

205. Гаравдеҳ бояд соҳибмулки молу мулки ба гарав гузошта ё барои ихтиёрдории молу мулк шахси ваколатдор бошад. Гарав бояд

дар шартнома мушаххас карда шавад. Иҷозат дода мешавад, ки ҳамон як молу мулк таҳти зиёда аз як гарав гузошта шавад, ба шарте ки гаравгирони минбаъда ба таври дахлдор аз хусуси гаравҳои пешина огоҳ карда шаванд. Агар гаравҳо дар рӯзҳои гуногун ба қайд гирифта шаванд, навбати ҷуброни онҳо мутобиқ ба санаи бақайдгирии онҳо муқаррар карда мешавад.

206. Гаравдеҳ ҳуқуқ дорад молу мулки ба гарав гузоштаро харида гирад, инчунин метавонад ба қарздеҳ барои фурӯхтани молу мулк розигӣ диҳад, агар дар бораи пардохти қарз онҳо ба созиш оянд.

207. Фурӯшанда метавонад  аз харидор ҳуқуқи нигаҳдории молу мулки гарави фурӯхташударо ба даст орад, то пардохти маблағҳои боқимондаро қисм ба қисм таъмин намояд. Ба харидор ҳамчунин иҷозат дода мешавад, ки молу мулки дар асоси пардохти яквақтаина фурӯхтаро то замони гирифтани маблағи он дар ихтиёри худ нигоҳ дорад.

208. Қарздеҳ ҳамчунин ҳуқуқ дорад шарт гузорад, ки қарзгир бояд ба вай ҳуқуқи фурӯши молу мулки гаравро диҳад, то ки қарздеҳ тавонад маблағи заруриро (агар қарзгир қарзро пардохт карда натавонад ё аз пардохти он даст кашад) аз маблағе, ки аз фурӯши амволи гарав гирифта шудааст, бидуни муроҷиат ба суд ба даст орад.

209. Гаравдеҳ (қарздор) барои пардохти ҳама гуна хароҷоти марбут ба ҳуҷҷатгузорӣ, нигоҳдорӣ ва фурӯши амволи гарав пурра ҷавобгар аст.

210. Қарздеҳ (гаравгир) ба гарав то пардохти пурраи маблағ ҳуқуқ дорад , ба истиснои ҳолатҳое, ки вай ба қисман пардохт кардани маблағ розӣ аст. Вале қарздиҳанда ҳуқуқ надорад баъди пардохти қарз гаравро ба ҳайси таъмини дигар қарзҳои таъминнашуда нигоҳ дорад, агар ин қаблан пешбинӣ нашуда бошад. Қарздиҳанда ва қарзгиранда метавонанд  баъди пардохти қарз дар бораи эътирофи гарави озодшуда ба ҳайси таъмини ягон қарзи дигар, ки имкон дорад байни онҳо дар давоми давраи муайян дар оянда ба вуҷуд ояд, мувофиқа кунанд.

211. Ба гаравдеҳ иҷозат дода мешавад, ки молу мулки гараврo бо розигии гаравгир истифода барад. Аммо гаравгир дар маҷмӯъ барои истифодаи молу мулки гарав ҳуқуқ надорад, ҳатто агар гаравдеҳ ба ин розигӣ дода бошад.

212. Ҳаққи подош барои додани кафолатнома набояд аз подошпулие, ки маъмулан барои чунин навъи хизматрасонӣ ситонида мешавад, зиёд бошад.

213. Додани кафолатнома ба аризадиҳандае, ки онро барои гирифтани қарзи фоиздор ё бастани аҳдҳои манъшуда истифода мебарад, иҷозат дода намешавад.

214. Аҳди (Шартномаи) эътиборномаи ҳуҷҷатӣ. Ба ташкилоти қарзии исломӣ иҷозат дода мешавад, ки маблағҳоеро, ки воқеан барои додани эътиборномаи ҳуҷҷатӣ харҷ кардааст, барои пардохт пешниҳод кунад. Ҳамчунин барои ташкилоти қарзии исломӣ муқаррар кардани пардохтҳо барои пешниҳоди хизматрасонии зарурӣ қобили қабул мебошад, новобаста ба он, ки ин гуна пардохтҳо дар шакли маблағи яквақтаина амалӣ мегардад ё он фоизи муайян аз маблағи эътиборнома мебошад, ба шарте ки ҳангоми муайян кардани ҳаққи хизмат муҳлати амали эътиборнома ба ҳисоб гирифта нашавад. Ин қоида ба хизматҳое, ки аз рӯи қарзҳо барои воридоту содироти мол расонида мешаванд, татбиқ мегардад, ба истиснои ҳолатҳое, ки дигаршавии вазъият боиси тағйирёбии ҷадвали муҳлати амали эътиборнома мегардад. Ҳамин тариқ, барои ташкилоти қарзии исломӣ муқаррар кардани пардохтҳо танҳо барои маблағҳои воқеан харҷшуда қобили қабул дониста мешавад, дар ин ҳолат ин на фоиз, балки як маблағи муайян мебошад.

215. Ташкилоти қарзии исломӣ бояд шартҳои зеринро иҷро намояд:

- масъалаи кафолат аслан ҳангоми ҳисобу китоби пардохтҳо барои амалӣ намудани эътиборномаи ҳуҷҷатӣ бояд ба инобат гирифта нашавад. Мутаносибан, ба ташкилоти қарзии исломӣ илова ба хароҷоти воқеӣ боз муқаррар кардани пардохт иҷозат дода

намешавад, агар вай эътиборномаи ба дигар ташкилоти қарзии исломӣ додаро тасдиқ намояд;

- додани эътиборнома фоидаеро, ки фоиз меорад, дар назар надорад ва василаи гирифтани чунин фоида шуда наметавонад;

-истифода бурдани шартномаҳо дар эътиборномаи ҳуҷҷатӣ ҳамчун асос барои дохил кардани амалиётҳои мамнӯъ, аз қабили ҳаққи хизмат барои додани кафолат ё додани қарз, қобили қабул намебошад.

216. Ташкилоти қарзии исломӣ барои кушодани ҳамаи навъҳои эътиборномаи ҳуҷҷатӣ ҳуқуқ дорад. Ба ташкилоти қарзии исломӣ ҳамчунин иҷозат дода мешавад, ки дар ин амалиётҳо мутобиқи шаклҳои мавҷудаи эътиборномаи ҳуҷҷатии иҷрошаванда иштирок намояд ё нақши миёнаравро бозад.

217. Барои ташкилоти қарзии исломӣ аз рӯи эътиборномаи ҳуҷҷатӣ барои худ, ё аз номи дигар муштарӣ ё ташкилот ё тариқи фаъолияти муштарак иҷро кардани амалиётҳо (транзаксияҳо) қобили қабул намебошад, агар ин гуна эътиборнома ба молҳои тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ манъшуда дахл дошта бошад ё дар асоси шартномаи беэътибор, нодуруст иҷро гардад.

218. Ташкилоти қарзии исломӣ уҳдадор аст эътиборномаро иҷро намояд, агар он ба истиснои ҳолатҳои сохтакории ҳуҷҷатҳо, ба дастурҳо мутобиқ бошад.

219. Ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ дорад таъмини уҳдадориҳоеро, ки вобаста ба эътиборномаи ҳуҷҷатӣ ба миён меоянд, талаб намояд ё эътиборномаи ҳуҷҷатиро ҳамчун таъмини кафолатноки пардохт ба ширкатҳо ва ташкилотҳои қарзии исломӣ пешниҳод кунад. Ташкилоти қарзии исломӣ метавонад барои таъмин эътиборномаи ҳуҷҷатӣ бо истифода аз шаклҳои ҷоиз ва дастраси таъмин, аз ҷумла дар шакли маблағҳои пулӣ дар суратҳисобҳо ё маблағҳои пулии воридкардаи муштарӣ тибқи шартномаи музораба ҳамчун миёнарав амал кунад.

220. Ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ надорад вомбаргҳои фоиздор, саҳмияҳои ширкатҳоеро, ки ба фаъолияти тибқи принсипҳои

маблағгузории исломӣ манъшуда машғуланд ва қарзи фоизии дебиториро ҳамчун таъмин истифода барад.

221. Агар муштарӣ хоҳиши харидани молҳои воридотиро аз ташкилоти қарзии исломӣ бо ёрии маблағгузорӣ дар доираи эътиборномаи ҳуҷҷатӣ тибқи шартномаи муробаҳа дошта бошад, бояд шартҳои зерин риоя карда шаванд:

- кушодани эътиборномаи ҳуҷҷатӣ набояд пеш аз бастани шартномаи хариду фурӯш байни фармоишгар ва бенефитсиар (фурӯшанда) сурат гирад;

- ташкилоти қарзии исломӣ бояд тарафе бошад, ки аз молрасон мол харида, баъдан онро ба муштарӣ дар доираи шартномаи муробаҳа тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ дар мавриди шартномаи муробаҳа барои фармоишгар барои таҳвил фурӯшад.

222. Агар дар эътиборномаи ҳуҷҷатӣ муқарраротӣ тобеъ ба (вобастаи) усулҳо ва амалияҳои аввалиндараҷа мавҷуд бошад ва онҳо эътиборномаи ҳуҷҷатиро содатар намоянд, он гоҳ таҳияи чунин ариза бо эзоҳе зарур аст, ки он принсипҳои маблағгузории исломиро вайрон намекунад.

223. Ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ надорад векселҳои аксептшударо дисконт (арзон) кунад, яъне ин векселҳоро бо нархи аз нархи номиналиашон пасттар харида гирад.

224. Барои ташкилоти қарзии исломӣ гуфтушуниди масъалаи арзон кардани арзиши номиналии ҳуҷҷатҳое, ки дар асоси онҳо бояд пардохт бо нишон додани ҳуҷҷат ё ҳангоми пешниҳоди вексел сурат гирад, қобили қабул намебошад.

225. Эътиборномае, ки уҳдадории ташкилоти қарзии исломӣ мебошад, ба мавқеи асъорӣ мутобиқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон дохил карда мешавад.

226. Хароҷоти додани эътиборномаи ҳуҷҷатӣ аз тарафи муштарӣ пардохт карда мешавад. Ташкилоти қарзии исломӣ ҳамчунин метавонад барои хизматрасонӣ хоҳ бо меъёри устувор ё дар шакли фоизи муайян аз маблағи эътиборнома ҳаққи хизмат гирад, ба шарте ки муҳлати эътиборнома ҳангоми ҳисоб кардани комиссия ба назар

гирифта нашавад. Ин қоида дар бораи хизматрасонӣ ба эътиборномаи воридот ва содирот дахл дорад. Гирифтани ҳаққи хизмат танҳо барои маблағи харҷшуда (бе дарназардошти ба дигар вақт гузаронидани муҳлат), ки дар натиҷаи тағйирот дар шартнома ба амал омадааст, иҷозат дода мешавад, ва чунин ҳаққи хизмат бояд на дар шакли фоиз аз маблағ, балки дар шакли меъёри устувор бошад.

227. Ташкилоти қарзии исломӣ барои эътиборнома ҳаққи хизматро гирифта, бояд инҳоро ба назар гирад:

- имконияти кафолат ҳангоми тасдиқи эътиборномаи мазкур. Мувофиқан, ба ташкилоти қарзии исломӣ иҷозат дода мешавад, ки барои хароҷоти амалишуда маблағи иловагӣ ситонад, агар вай эътиборномаи ба дигар ташкилотҳои қарзӣ додаро тасдиқ кунад;

- додани эътиборнома набояд бо фоиз бошад ё амалиётеро дарбар гирад, ки эҳтимолан фоиз дошта бошад.

228. Бо мақсади таъмини уҳдадориҳои қарзӣ обуна шудан ба полиси суғуртаи исломӣ иҷозат дода мешавад ва иҷозат дода намешавад, ки ин қарзҳо дар асоси суғуртаи анъанавӣ суғурта карда шаванд.

229. Ба тарафи сеюм ба ғайр аз музориб, агенти сармоягузорӣ ё яке аз шарикон иҷозат дода мешавад, то ин ки уҳдадории ихтиёрӣ ба зимма гирад, ки вай талафот аз сармоягузории тараферо, ки уҳдадорӣ гирифтааст, ҷуброн намояд, ба шарте ки кафолат ба ҳеҷ ваҷҳ бо шартномаи молиявии музораба ё шартномаи агентии сармоягузорӣ алоқамандӣ надошта бошад.

230. Ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ дорад барои иштирок дар тендер кафолат диҳад.

231. Ташкилоти қарзии исломӣ баҳри таъмини муносиби иҷрои ваъдаи додаи муштарӣ оид ба бастан ва иҷро кардани уҳдадории яктарафа, метавонад маблағҳои пулиро ба гарав гирад, ки онҳо ба ташкилоти қарзии исломӣ ҷуброни зарарро дар сурати ваъдахилофии муштарӣ кафолат медиҳанд.

232. Ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ дорад дороиҳои моддии худро, ки ба муштарӣ фурӯхта шудаанду вале ҳанӯз маблағи онҳоро нагирифтааст, баргардонад.

233. Ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ дорад пуррагии предмети гарав ё таъмини дигарро ҳимоя кунад, аз ҷумла бо тартиби судӣ дар ҳолатҳои истифодаи нодурусти он, ки боиси талаф ё гумшавии он мегардад.

234. Ҳуқуқи тарафҳое, ки молу мулки гаравро барои таъмини қарз нигоҳ медоранд, назар ба ҳуқуқи тарафҳое, ки қарзҳои бетаъмин доранд, афзалият дорад.

235. Кафолатҳои додаи ташкилотҳои қарзии исломӣ ба дороиҳои дорои хавфи қарзӣ баробар карда шуда, мувофиқан таҳти ҳама гуна маҳдудиятҳои марбут ба ҷойгиркунии қарзҳо қарор мегиранд.

236. Ташкилоти қарзии исломӣ ҳисобдории кафолатҳои бонкиро мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ менамояд. Кафолатҳои додаи ташкилотҳои қарзии исломӣ ба ҳисоби мавқеи асъорӣ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон дохил карда мешаванд.

237. Аҳди салам. Аҳди (Шартномаи) салам – аҳд доир ба харидории мол дар асоси ба таъхир гузоштани таҳвил, ба шарти дар лаҳзаи бастани шартнома пардохт намудани арзиши мол мебошад. Ин як намуди аҳди фурӯш мебошад, ки дар он нарх ҳамчун сармоя дониста мешавад.

238. Салами мувозӣ - аҳде, ки зимни он ташкилоти қарзии исломӣ бо шахси сеюм дар бораи таҳвили молҳо шартнома мебандад ва мушаххасоти ин молҳо ба мушаххасоте, ки дар шартномаи аввали салам бо таҳвилгар муайян шудааст, мутобиқат дорад, ба шарте ки иҷрои шартномаи дувуми салам аз иҷрои шартномаи аввали салам вобаста набошад.

239. Дар доираи шартномаи салам ва салами мувозӣ ташкилоти қарзии исломӣ метавонад мутаносибан ба ҳайси ҳам харидор ва ҳам фурӯшанда амал намояд.

240. Ташкилоти қарзии исломӣ хариди мол ва фурӯши онро бо дархости муштарии дорои қобилияти пардохт анҷом медиҳад.

241. Вобаста ба аҳди салам мафҳумҳои зерин истифода бурда мешаванд:

- ташкилоти қарзии исломӣ - шахсе, ки ҳам хариди мол ва ҳам фурӯши онро амалӣ менамояд;

- фурӯшанда – шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ, ки ташкилоти қарзии исломӣ аз вай мол харидорӣ мекунад;

- молҳои ҳамдигарро ивазкунанда – молҳое, ки хусусияти умумӣ дошта аз ҳамдигар чандон фарқ намекунанд. Ҳама гуна моли ҳамдигарро ивазкунанда имкон дорад бо моли дигар дар ҳолати харобшавии онҳо иваз карда шаванд, вақте ки дар нархи онҳо зарурати баҳо додани арзиши моли харобшуда ё ивазшаванда вуҷуд надорад.

242. Барои амалӣ намудани аҳдҳои салам мумкин аст шартномаҳои алоҳида ё созишномаи кулл оид ба ҳамкорӣ баста шаванд, ки дар доираи он имкон дорад шартномаҳои алоҳида бо зикри муҳлати амали онҳо баста шаванд.

243. Шартномаи салам барои молҳои ҳамдигарро ивазкунанда ба молҳое, ки хусусияти баркашидан, андоза кардан ва шумурдан доранд ва ба рибо намеорад, иҷозат дода мешавад.

244. Дар созишномаи кул тарафҳо доираи шартнома ва тасмими тарафҳоро дар бораи хариду фурӯш, инчунин миқдор ва мушаххасоти молҳо, тарзи таҳвили онҳо, асос барои муайян кардани нарх ва тарзи пардохтро муайян мекунанд. Ғайр аз ин, кафолатҳо ва дигар шартҳо пешбинӣ карда мешаванд.

245. Шартномаи салам дар шакли хаттӣ баста мешавад, дар сурати талаботи қонунгузорӣ он бояд дар идораи нотариалӣ тасдиқ гардида, аз қайди давлатӣ гузарад. Шартҳои муҳими шартнома чунин аст:

- фурӯши моли муайян бо ба таъхир гузоштани муҳлати таҳвил;

- пардохти нархи мол дар лаҳзаи бастани шартнома.

246. Нарх аз рӯи шартномаҳои салам имкон дорад ҳам дар шакли маблағҳои пулӣ ва ҳам дар шакли молҳои ҳамдигарро ивазкунанда

(молҳое, ки нишонаҳои ҳамонандӣ доранд) муқаррар карда шавад. Агар нарх бо пул муайян шуда бошад, бояд асъор, ҳаҷм ва тарзи пардохт муайян карда шавад. Агар нарх дар шакли молҳои ҳамдигарро ивазкунанда муайян шуда бошад, он гоҳ бояд шакли онҳо, навъ, мушаххасот ва миқдори онҳо дақиқ муқаррар карда шавад.

247. Нарх дар доираи шартномаи салам дар лаҳзаи баста шудани он фавран пардохт карда мешавад. Дар ҳолатҳои истисноӣ мумкин аст пардохт на зиёда аз се рӯз тамдид карда шавад, ки набояд ба иҷрои шартномаи салам таъсир расонад, ба шарте ки давраи таъхир ба давраи таҳвили молҳои ҳамдигарро ивазкунанда баробар ё аз он зиёд набошад.

248. Аз рӯи шартномаи салам истифода намудани қарз ба ҳайси сармоя иҷозат дода намешавад.

249. Асъор, тилло ё нуқра предмети шартнома шуда наметавонанд.

250. Молҳо бояд дар шакле бошанд, ки барои тартиб додани мушаххасот бо мақсади роҳ надодан ба номуайянӣ, ки барои мутобиқати он фурӯшанда масъул аст, имкон диҳанд.

251. Молҳо бояд мутобиқи амалияи қабулшуда дақиқан муайян карда шаванд. Миқдори ҳар як воҳиди молро вобаста ба ҳолат ва хусусияти мол, яъне вазн, андоза, ҳаҷм ва миқдори ҷой муайян мекунанд. Молҳо бояд дар ҷойи таҳвилшаванда ва барои фурӯшанда дастрас мавҷуд бошанд, то фурӯшанда ӯҳдадории худро оид ба таҳвили мол ба харидор иҷро карда тавонад.

252. Тарафҳо санаи мушаххаси таҳвил (молрасонӣ)-ро муқаррар мекунанд, вале метавонанд санаҳои гуногуни таҳвили мол, таҳвили қисм ба қисми молҳоро муқаррар кунанд, ба шарте ки арзиши онҳо дар лаҳзаи аввали бастани шартнома пардохт карда шаванд.

253. Тарафҳо метавонанд макони таҳвили молро муайян кунанд. Агар тарафҳои шартнома макони таҳвили молро муайян накунанд, он гоҳ ин гуна макон ҳамон ҷойи бастани шартнома ба ҳисоб меравад, агар маълум карда нашавад, ки расонидани мол ба ин макон

ғайриимкон аст. Дар ин ҳолат макони таҳвили мол дар асоси таҷрибаи маъмул муайян карда мешавад.

254. Таҳвили молҳо метавонад бо ҳар намуди таъмини уҳдадории иҷрои пардохт таъмин карда шавад.

255. Ба харидор иҷозат дода намешавад, ки молро то вақте, ки ҳуқуқи моликиятро ба он соҳиб нашавад, фурӯшад.

256. Бо мувофиқаи тарафҳо шартномаи салам метавонад пурра бекор гардида, уҳдадориҳо дар сурати пурра ҷуброн шудани арзиши он қатъ гарданд. Инчунин қисман бекор кардани он иҷозат дода мешавад, яъне бекор кардани таҳвили як қисми мол ба ивази қисман ҷуброн кардани арзиши шартнома.

257. Фурӯшанда уҳдадор аст молро тибқи шартҳои шартнома, мушаххасоти шарту миқдори қайдшуда ба харидор дар рӯзи таъиншуда расонад. Аз дигар тараф, харидор бояд молҳоро қабул намояд, агар онҳо ба талаботи дар шартнома пешбиникардаи мушаххасот ҷавобгӯ бошанд.

258. Агар фурӯшанда молҳое пешниҳод кунад, ки онҳо аз молҳои мутобиқи мушаххасоти шартномавӣ нисбатан баландсифат бошанд, он гоҳ харидор бояд молҳоро қабул кунад, агар фурӯшанда барои сифати баланд доштани онҳо нархи нисбатан баландро талаб накунад. Ин танҳо дар ҳолате татбиқ мегардад, ки агар тавсифи (бо мушаххасоти нисбатан сифаташ паст) дар шартнома пешбинишуда шарти муҳим ба ҳисоб наравад.

259. Агар сифати молҳои расонидашуда аз сифати молҳои мутобиқи мушаххасоти шартномавӣ талабшаванда пасттар бошад, он гоҳ харидор ҳуқуқ дорад молҳоро дар ин ҳолат ё рад кунад ё қабул намояд. Дар сурати қабул шудани мол, тарафҳо метавонанд дар бораи бо нархи арзонтар қабул намудани ин гуна молҳо ба мувофиқа оянд.

260. Молҳо метавонанд пеш аз муҳлат расонида шаванд, ба шарте ки ба мушаххасоти дар шартнома пешбинишуда ҷавобгӯ буда, ба миқдори зарурӣ расонида шаванд. Агар харидор сабабҳои асоснокеро барои рад намудани молҳо дошта бошад, он гоҳ ӯ маҷбур намебошад, ки онҳоро қабул намояд.

261. Агар фурӯшанда уҳдадориашро иҷро карда натавонад, ё агар фурӯшанда ҳама ё як қисми молҳоро дар санаи муқарраршуда дар ихтиёр надошта бошад, харидор метавонад:

- то ба ихтиёри фурӯшанда гузаштани мол интизор шавад ё барои таҳвили мол муҳлати нисбатан дарозтар диҳад;

- шартномаро бекор карда, маблағҳои пардохтшударо ситонад.

Ба тарафҳо ҳамчунин иҷозат дода мешавад, ки иваз намудани молҳоро ба дигар молҳо мувофиқа кунанд.

262. Дохил кардани шарте, ки муҷозоти ҷаримавиро барои дер таҳвил кардани мол пешбинӣ мекунад, иҷозат дода намешавад.

263. Ба фурӯшанда бастани шартномаи алоҳидаи мустақили салам бо шахси сеюм иҷозат дода мешавад, то ки молҳои дорои ҳамин гуна мушаххасот ба монанди молҳои дар шартномаи аввали салам пешбинишуда харида шаванд, уҳдадориҳо аз рӯи шартномаи аввал иҷро гардида, ин молҳо таҳвил дода шаванд. Мувофиқан, ташкилоти қарзии исломие, ки дар шартномаи якуми салам ба ҳайси фурӯшанда мебошад, дар шартномаи дуюми салам ҳамчун харидор амал мекунад.

264. Ба харидор бастани шартномаи алоҳидаи салами мувозӣ бо шахси сеюм бо мақсади фурӯши молҳои дар асоси шартномаи салам харидашуда, ки тавсифи онҳо бо тавсифи молҳои эҳтимолан тариқи шартномаи якуми салам харидашаванда мувофиқ меояд, иҷозат дода мешавад. Дар ин ҳолат ташкилоти қарзии исломӣ, ки дар шартномаи якуми салам ба ҳайси харидор амал мекунад, дар шартномаи дуюми салам фурӯшанда мегардад.

265. Дар ҳар ду ҳолат ба тарафҳо иҷозат дода намешавад, ки уҳдадориҳоро аз рӯи ду шартномаи салам алоқаманд намоянд. Ҳуқуқу уҳдадориҳо аз рӯи ду шартнома бояд аз ҳама ҷиҳат алоҳида бошанд. Дар сурати вайрон карда шудани уҳдадориҳо тибқи шартномаи якуми салам, тарафи дигар (тарафи ҷабрдида) ҳуқуқ надорад ин зарар ё зиёнро бо тарафе, ки бо он тарафи якум шартномаи салами мувозӣ бастааст, вобаста намояд. Аз ин рӯ, вай ҳуқуқ надорад дар асоси зарару зиёне, ки аз рӯи шартномаи якуми салам дидааст, шартномаи дуюми саламро қатъ намояд ё иҷрои онро ба таъхир гузорад.

266. Қоидаҳое, ки шартномаи саламро танзим мекунанд, бояд барои шартномаи салами мувозӣ низ татбиқ гарданд.

267. Барориши вомбаргҳои молӣ барои уҳдадориҳои қарзие, ки аз шартномаи салам бармеоянд, иҷозат дода намешавад.

268. Ташкилоти қарзии исломӣ мувофиқи аҳдҳои салам хариди моли муайянкардаи фармоишгар-муштариро маблағгузорӣ карда, баъдан онро бо изофанархи ташкилоти қарзии исломӣ ба муштарӣ мефурӯшад. Аз рӯи шартномаи салами мувозӣ ташкилоти қарзии исломӣ нақши таҳвилгари молро (молрасон) иҷро мекунад ва пардохти маблағ аз рӯи шартҳои шартнома метавонад марҳила ба марҳила сурат гирад.

269. Хароҷотҳои аввала ва мустақими ташкилоти қарзии исломӣ (подош ба миёнарав, пардохти хизматрасонии ҳуқуқӣ ва ғ.), ки ба баста шудани шартномаи хариди предмети шартномаи салам аз молрасон вобастаанд, ҳамчун хароҷоти давраи ҷорӣ эътироф карда мешаванд. Хароҷотҳои минбаъдаи ташкилоти қарзии исломӣ, ки ба хариди мол марбут аст, инчунин хароҷоти ҳамлу нақл, пардохтҳои гумрукӣ ва дигар хароҷот ба нархи хариди мол дохил карда шуда, маблағи қарзи додаи ташкилотҳои қарзии исломиро зиёд мекунад.

270. Мутобиқи шартҳои шартномаи басташуда баҳисобгирии минбаъдаи қарз, инчунин эътирофи даромад аз аҳд сурат мегирад. Дар ҳолати пардохти яквақтаинаи маблағи умумии мол ба муштарӣ, ташкилоти қарзии исломӣ маблағҳои пулии воридшударо барои пардохти қарз равона карда, даромадро эътироф мекунад. Агар аз рӯи шартҳои шартнома муштарӣ пардохти нархи молро давра ба давра тибқи ҷадвали пардохт амалӣ намояд, ташкилоти қарзии исломӣ даромадро аз рӯи аҳди салам ҳар моҳ тибқи ҷадвал ҳисоб мекунад. Маблағи воридшударо барои пардохти қарз ва даромади ҳисобшудаи гирифташаванда равона мекунад.

271. Ташкилоти қарзии исломӣ давра ба давра сифат ва андозаи хавфи пайдоиши талафоти имконпазири марбут ба дороиҳоро аз рӯи аҳди салам бо таснифи дахлдор тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон баҳо медиҳад.

272. Аҳди сукук. Аҳди (Шартномаи) сукук - аҳд оид ба додани коғазҳои қиматноки исломӣ ва ба қайд гирифтани онҳо мебошад. Доир ба масъалаи ба роҳ мондани маблағгузории исломӣ, ки мутобиқи он барориши коғазҳои қиматноки давлатии исломӣ иҷозат дода шудааст, ҳамчунин феҳристи эмитентҳои коғазҳои қиматноки корпоративии исломӣ мукаммал гардидааст.

273. Барои фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ ва барориши коғазҳои қиматноки исломӣ талаботи махсус муқаррар шудааст (манъи гирифтани ҳаққи подош дар шакли фоиз, маблағгузории фаъолияте, ки хилофи меъёрҳои исломӣ аст, мавҷудияти ҳатмии Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ ва ташкили ширкати махсуси молиявии исломӣ ҳангоми барориши коғазҳои қиматноки исломӣ - сукук). Дар ин маврид, шахсони ҳуқуқие, ки резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳастанд, метавонанд эмитенти коғазҳои қиматноки корпоративии исломӣ бошанд.

274. Тасдиқномаҳои (сертификатҳои) сукук - коғазҳои қиматноки дарозмуҳлат ва кӯтоҳмуҳлати исломӣ мебошанд, ки бо дороиҳои моддӣ таъмин гардида, тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ бароварда шудаанд. Онҳо ҳуқуқ доштани дорандагонро ба дороии муайян, молу мулки ғайриманқул, даромад аз иҷора, маблағҳои молиявии аз амалиёти савдо воридшаванда ва ғайра бо ҳуҷҷат асоснок менамоянд.

275. Эмитентҳои сукук метавонанд ташкилотҳои қарзии исломӣ ва ҳам ташкилотҳои қарзии анъанавӣ бошанд.

276. Объектҳое, ки таҳти онҳо сукук баровардан мумкин аст, бояд дороии муайян дошта бошанд, ки воқеан ба арзиши худи сукук баробарарзиш бошанд. Инҳо метавонанд ҳар гуна бино ё иншооте бошанд, ки аз онҳо маблағ ворид мешавад. Доранда сукукро бо ҳиссаи муайян харида, мутобиқи ҳиссааш ҳуқуқи қисман соҳиб шудани объектро ҳамчун моликият ба даст меорад.

277. Давраҳои аҳди сукук инҳо мебошанд:

- давраи аввал - тасмими қатъии “қарзгир”, муайян кардани дороиҳо барои секюритизатсия (таъмини молӣ тариқи интишори

коғазҳои қиматнок) ва муайян кардани мушовири асосии молиявӣ ва ҳуқуқӣ;

- давраи дуюм - омода кардани сохтори аҳд, санҷидани он, ки сохтор ба стандартҳои фаъолияти бонкии исломӣ мутобиқат дорад ё не, гирифтани дараҷабандии (рейтинги) қарз, омода кардани тарҳи барориш, муайян кардани андеррайтер ва муайян кардани даромаднокӣ;

- давраи сеюм - ба қайд гирифтани тарҳи барориш, интишори пешакии он ва оғози маркетинги барориш – роҳнамо ва муаррифӣ ба сармоягузорон;

- давраи чорум-пешниҳоди оммавӣ, тақсим дар байни иштирокдорон ва анҷомёбии раванди омодасозии ҳуҷҷатҳо;

- давраи панҷум - клиринг ва ҳисоббаробаркунӣ, қатъ кардани аҳд ва сабти (листинги) воситаҳо дар биржа.

278. Сукуки сармоягузорӣ - ин тасдиқномаҳои арзишашон якхела, ҳиссаҳое, ки ҷудосозии онҳо дар асл барои доштани ҳуқуқ ба дороиҳои моддӣ, доштани ҳуқуқи узуфрукт (ҳаққи истифода), ҳуқуқ ба хизматрасонӣ ё соҳибмулкӣ ба дороиҳои (молу мулки) лоиҳаи муайян ё фаъолияти муайяни сармоягузорӣ аст. Чунин ҳуқуқ амалан баъди гирифтани маблағи сукук, қатъи иштирок ва истифодаи маблағҳое татбиқ мегардад, ки бо мақсади эмиссияи сукук гирифта шудаанд.

279. Навъҳои сукуки сармоягузорӣ:

а) тасдиқномаҳое, ки ҳуқуқи моликиятро ба дороиҳои ба иҷора додашаванда тасдиқ мекунанд. Инҳо тасдиқномаҳои баробарарзише ҳастанд, ки аз ҷониби молики дороии ба иҷора додашаванда ё дороии моддӣ, ки бояд ба иҷора дода шавад, ё аз ҷониби миёнарави молиявие, ки аз номи молик амал мекунад, бо мақсади фурӯши дороӣ ва ҷуброни арзиши он тавассути иштирок бароварда мешаванд ва дар натиҷа дорандагони тасдиқномаҳо соҳиби ин гуна дороиҳо мегарданд;

б) тасдиқномаҳое, ки ҳуқуқи узуфруктро (ҳуқуқ ба даромад) нисбат ба дороиҳои мавҷуда тасдиқ мекунанд. Чунин тасдиқномаҳо ду навъ мешаванд:

- тасдиқномаҳои баробарарзиш аз тарафи молики дороии мавҷуда мустақилона ё тавассути миёнарави молиявӣ бо мақсади ба иҷора додани чунин доройӣ ва гирифтани иҷорапулӣ аз ҳисоби даромад аз обуна бароварда шуда, ки дар натиҷа ҳуқуқи узуфрукт (ҳуқуқ ба даромад) нисбат ба чунин дороиҳо ба соҳибони тасдиқномаҳо мегузарад;

- тасдиқномаҳои баробарарзиш аз тарафи шахси дорои ҳуқуқи узуфрукт (ҳуқуқ ба даромад) нисбат ба дороии мавҷуда (иҷорадеҳ), мустақилона ё тавассути миёнарави молиявӣ бо мақсади ба зериҷора додани узуфрукт (ҳуқуқ ба даромад) ва гирифтани иҷорапулӣ аз ҳисоби даромад аз обуна бароварда шудаанд, ки дар натиҷа соҳибони тасдиқномаҳо соҳиби ҳуқуқи узуфрукт (ҳуқуқ ба даромад) нисбат ба дороиҳо мегарданд;

в) тасдиқномаҳое, ки ҳуқуқи узуфрукт (ҳуқуқ ба даромад)-ро нисбат ба дороиҳои муайян дар оянда тасдиқ мекунанд. Ин сертификатҳои баробарарзиш бо мақсади ба иҷора додани дороиҳои оянда ва барои ҷамъоварии иҷорапулӣ аз даромади иштирок бароварда шудаaанд, ки дар натиҷа ҳуқуқи узуфрукт (ҳуқуқ ба даромад) нисбат ба дороии муайяни оянда ба дорандагони сертификатҳо мегузарад;

г) тасдиқномаҳое, ки ҳуқуқи хизматрасониро тасдиқ мекунанд:

- тасдиқномаҳое, ки ҳуқуқи хизматрасонии шахси зикршударо тасдиқ мекунанд - ин тасдиқномаҳои баробарарзиш бо мақсади дар оянда хизматрасонӣ кардан тавассути таҳвилгари зикршуда (масалан, гирифтани маълумот дар донишгоҳи номбаршуда) ва гирифтани ҳаққи хизматрасонӣ дар шакли даромад аз обуна бароварда шудаанд, ки дар натиҷа дорандагони тасдиқномаҳо ҳуқуқ ба чунин хизматрасониҳоро ба даст меоранд;

- тасдиқномаҳое, ки ҳуқуқи хизматрасониҳои муайянро дар оянда тасдиқ мекунанд - ин сертификатҳои баробарарзиш барои кафолати хизматрасониҳои оянда тавассути таҳвилгари тавсифшуда (масалан, гирифтани маълумоти донишгоҳӣ бе нишон додани мактаби олӣ) ва гирифтани подош дар шакли даромад аз обуна бароварда шуда, ки дар

натиҷа дорандагони тасдиқномаҳо ҳуқуқ ба чунин хизматрасониҳоро ба даст меоранд;

ғ) тасдиқномаҳои салам - ин тасдиқномаҳои баробарарзиш бо мақсади ҷалби сармоя барои шартномаи салам бароварда шудаанд, ки дар натиҷа молу мулк, ки бояд дар асоси шартномаи салам таҳвил карда шавад, ба моликияти дорандагони тасдиқномаҳо мегузарад;

д) тасдиқномаҳои истиснoъ - ин тасдиқномаҳои баробарарзиш бо мақсади ҷалби маблағ, ки барои истеҳсоли мол истифода мегарданд, бароварда шуда, ки дар натиҷа молҳои истеҳсолшуда ба моликияти дорандагони тасдиқномаҳо мегузаранд;

е) тасдиқномаҳои муробаҳа-ин тасдиқномаҳои баробарарзиш бо мақсади маблағгузории хариди мол тавассути шартномаи муробаҳа бароварда шуда, ки дар натиҷа дорандагони тасдиқномаҳо моликони моли дар асоси шартномаи муробаҳа харидоришуда мегарданд;

ё) тасдиқномаҳои мушорака - ин тасдиқномаҳои баробарарзиш бо мақсади истифодаи маблағҳои ҷалбшуда барои ташкили лоиҳаи нав, рушди лоиҳаи мавҷуда ё маблағгузории фаъолияти корхона дар асоси ягон навъ шартномаи ҳамкорӣ бароварда шуда, ки дар натиҷа дорандагони тасдиқномаҳо иштирокдори лоиҳа ё молики дороиҳо, ки ба чунин фаъолият мутаносибан ба ҳиссаи онҳо тааллуқ доранд, мегарданд ва тасдиқномаҳои мушорака аз тарафи иштирокдорон тавассути шартномаи иштирок, шартномаи музораба ё намояндагии сармоягузорӣ идора карда мешавад;

ж) тасдиқномаҳои иштирок – ин тасдиқномаҳое, ки фаъолият ё лоиҳаҳои дар асоси шартномаи мушорака идорашавандаро тавассути мудири фаъолият таъин кардани яке аз шарикон ё ягон шахси дигар нишон медиҳанд;

з) сукуки музораба - тасдиқномаҳое, ки фаъолият ё лоиҳаҳои дар асоси шартномаи музораба идорашавандаро тавассути барои идораи фаъолият ба вазифаи музориб таъин кардани яке аз шарикон ё ягон шахси дигар нишон медиҳанд;

и) сукуки намояндагии сармоягузорӣ - тасдиқномаҳои, ки лоиҳаҳо ё фаъолияти бо тартиби намояндагии сармоягузорӣ

идорашавандаро тавассути аз номи соҳибони тасдиқномаҳо таъин кардани намоянда барои идораи фаъолият нишон медиҳанд;

к) тасдиқномаҳои музораа (тақсими ҳосил)-ин тасдиқномаҳои баробарарзиш бо мақсади истифодаи маблағҳои ҷалбшуда тавассути иштирок дар маблағгузории лоиҳа дар асоси шартномаи музораа бароварда шудаанд, ки дар натиҷа дорандагони тасдиқномаҳо мутобиқи шартҳои шартнома барои як ҳиссаи ҳосил ҳуқуқ пайдо мекунанд;

қ) тасдиқномаҳои мусоқа (обёрӣ) - ин тасдиқномаҳои баробарарзиш бо мақсади истифодаи маблағҳои ҷалбшуда тавассути иштирок дар обёрии майдонҳо барои шинондани дарахтони мевадор, барои харидории ниҳолҳо ва нигоҳубини онҳо дар асоси шартномаи мусоқа бароварда шудаанд, ки дар натиҷа дорандагони тасдиқномаҳо мутобиқи шартнома барои як ҳиссаи ҳосил ҳуқуқ пайдо мекунанд;

л) тасдиқномаҳои муғораса (ниҳолшинонӣ) - ин тасдиқномаҳои баробарарзиш дар асоси шартномаи муғораса бо мақсади ҷалби маблағҳо барои шинондани дарахт ва иҷрои кор ва сарфи маблағи зарурӣ барои дарахтшинонӣ бароварда шудаанд, ки дар натиҷа дорандагони тасдиқнома барои ҳиссаи ниҳолҳо ҳуқуқ пайдо мекунанд.

280. Ташкилоти қарзии исломӣ бо баробари омодагӣ муайян менамояд, ки бо кадом навъи сукук кор мекунад.

281. Сукук дар мақомоти давлатии ваколатдори танзими ба коғазҳои қиматнок ба қайд гирифта мешавад.

282. Тавсифи сукуки сармоягузорӣ:

- сукуки сармоягузорӣ тасдиқномаҳои баробарарзиш буда, ба номи молик ё манзуркунанда бо мақсади муайян кардани ҳуқуқҳои молики тасдиқнома нисбат ба ҳуқуқҳои молиявӣ ва уҳдадориҳои тасдиққардаи тасдиқнома бароварда шудаанд;

- сукуки сармоягузорӣ ҳиссаи одии доштани ҳуқуқро барои кушодани дороиҳои сармоягузорӣ тасдиқ мекунад, новобаста аз он, ки ба таркиби чунин дороиҳо талаботи пулӣ ё ғайрипулӣ, ҳуқуқи узуфрукт (ихтиёрдорӣ), ҳуқуқи хизматрасонӣ ё маҷмӯи ҳамаи ин ҳуқуқҳо, инчунин ҳуқуқҳои ғайримоддӣ, қарз ва маблағҳои пулӣ дохил

мешаванд ё намешаванд. Ин сукук уҳдадории қарзии дорандаи тасдиқнома дар назди эмитент намебошад;

- сукуки сармоягузорӣ дар асоси шартнома тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ, ки эмиссия ва гардиши онҳоро танзим менамоянд, бароварда мешавад.

- барориши сукуки сармоягузорӣ дар асоси шартномаи тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ муайяншуда, ки тавассути онҳо барориш ва гардиши чунин сукук танзим мешаванд сурат мегирад.

- моликони ин тасдиқнома даромади гирифташударо чуноне ки дар тарҳи обуна қайд шудааст, тақсим мекунанд ва баробар ба ҳисса ва миқдори тасдиқномаҳое, ки моликонашон (дорандагонашон) дар ҳаҷми умумии эмиссия доранд, зарар мебинанд.

283. Амрнома ва муқаррароти принсипҳои маблағгузории исломӣ. Эмиссияи сукуки сармоягузорӣ:

а) гардиши сукуки сармоягузорӣ зери шартҳое қарор мегирад, ки тавассути онҳо ҳуқуқҳои гардиши чунин сукук танзим мешаванд;

б) эмиссияи тасдиқномаҳо барои дороиҳо (бо мақсади секюритизатсия) иҷозат дода мешавад. Инҳо метавонанд дороиҳои моддӣ, ҳуқуқи узуфрукт (ихтиёрдорӣ) ва ҳуқуқи хизматрасонӣ бошанд, ки ба ҳиссаҳои баробар тақсим мешаванд ва барориши тасдиқнома баробар ба арзиши чунин ҳиссаҳо амалӣ мегардад. Дар робита ба қарздорӣ, ки бояд ҳамчун уҳдадорӣ пардохт шавад, секюритизатсияи он бо мақсади гардиш иҷозат дода намешавад;

в) шартномаи эмиссия ҳамаи оқибатҳои ҳуқуқии шартномаро, ки дар асоси он тасдиқномаҳо бароварда шудаанд, доро мебошад. Ин баъд аз қатъи иштирок ва тақсими тасдиқномаҳо сурат мегирад;

г) тарафҳои шартномаи барориш эмитент ва обуначиён мебошанд;

ғ) муносибатҳои байни тарафҳо аз рӯи шартномаи барориш (эмиссия) дар асоси навъи шартнома ва тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ, ки тавассути онҳо барориш ва гардиши чунин сукук танзим мешаванд сурат мегирад, инчунин дар асоси ҳолатҳои зерин муайян мегардад:

- тасдиқномаҳое, ки ҳуқуқи моликият ба дороиҳои ба иҷора додашавандаро тасдиқ менамоянд. Эмитенти ин тасдиқномаҳо фурӯшандаест, ки дороиро ба иҷора медиҳад ё дороиест, ки бояд ба иҷора дода шавад. Харидорони дороӣ муштарикон мебошанд, дар ҳоле ки маблағҳои тариқи обуна ҷалбшуда нархи хариди дороӣ ба ҳисоб мераванд. Дорандагони тасдиқнома дороиҳоро якҷоя дар доираи моликияти ба ҳиссаи тақсимнашуда соҳиб шуда, дар асоси ҳамкории шариконаашон даромад мегиранд ва ё зарар мебинанд;

- тасдиқномаҳое, ки ҳуқуқи узуфрукт (ихтиёрдорӣ) -ро тасдиқ менамоянд.

284. Сертификатҳое, ки ҳуқуқи узуфрукт (ихтиёрдорӣ)-ро нисбат ба дороиҳои мавҷуда тасдиқ менамоянд. Эмитенти ин тасдиқномаҳо фурӯшандаи ҳуқуқи узуфрукт (ихтиёрдорӣ) нисбат ба дороиҳои мавҷуда мебошад. Иштирокдорон харидори чунин ҳуқуқи узуфрукт (ихтиёрдорӣ) мебошанд, дар ҳоле ки маблағҳои тариқи обуна ҷалбшуда нархи хариди чунин ҳуқуқи узуфрукт (ихтиёрдор) ба ҳисоб мераванд. Дорандагони тасдиқнома дорандагони муштараки ҳуқуқи узуфрукт (ихтиёрдорӣ) мегарданд ва даромаду хавфи ба онҳо вобастаро тақсим мекунанд.

285. Тасдиқномаҳое, ки ҳуқуқи узуфрукти дар оянда дастрасро тасдиқ менамоянд. Эмитенти ин тасдиқномаҳо фурӯшандаи ҳуқуқи узуфрукт (ихтиёрдорӣ) нисбат ба ягон дороӣ мебошад, ки дар оянда мутобиқи дастур дастрас мешавад. Иштирокчиён харидори чунин ҳуқуқи узуфрукт (ихтиёрдорӣ) мебошанд ва маблағҳои тариқи иштирок ҷалбшуда нархи хариди ин ҳуқуқи узуфрукт (ихтиёрдорӣ) мебошанд. Дорандагони тасдиқномаҳо соҳибони муштараки ҳуқуқи умумии узуфрукт (ихтиёрдорӣ) мегарданд ва даромаду хавфи ба онҳо вобастаро тақсим мекунанд. Дорандагони сертификатҳо барои фурӯши ҳамаи фоидаи дар бандҳои 278 ва 279 зикршуда ва ба даромад аз бозфурӯши чунин ҳуқуқи узуфрукт ҳуқуқ пайдо мекунанд.

286. Тасдиқномаҳое, ки ҳуқуқи хизматрасониро тасдиқ мекунанд. Эмитенти чунин сертификатҳо фурӯшандаи хизматрасонӣ буда, обуначиён харидори хизматрасонӣ мебошанд, дар ҳоле ки маблағҳои

тариқи обуна ҷалбшуда нархи хариди чунин хизматрасонӣ ба ҳисоб мераванд.

287. Тасдиқномаҳои салам. Эмитенти чунин тасдиқномаҳо фурӯшандаи мол дар асоси шартномаи салам мебошад ва иштирокдорон харидори чунин мол мебошанд, дар ҳоле ки маблағҳои дар натиҷаи обуна бадастомада нархи хариди мол (сармояи салам) ба шумор мераванд. Дорандагони тасдиқномаҳо молики молҳои салам буда, барои муқаррар кардани нархи фурӯши молҳои тариқи шартномаи салам дастраскарда ё нархи фурӯши маҳсулоти дар асоси шартномаи салами мувозии фурӯхташуда ҳуқуқ доранд, агар ин ҷой дошта бошад.

288. Муносибатҳои тарафҳо, яъне муносибатҳои байни эмитент ва обуначӣ бо шартномаҳои амалкунандаи эмиссияи сукук ба танзим даровардa мешаванд. Худи бастани шартнома боиси ба миён омадани оқибатҳои ҳуқуқӣ нисбат ба ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо мегардад.

289. Нашри тарҳ (проспект) даъват ба эмитент аст, ки дар эмиссия иштирок намояд, худи санади обуна оферта мебошад. Тасдиқ шудани обуна аз ҷониби эмитент ҳамчун аксепт дониста мешавад, ба шарте ки дар тарҳ бевосита гуфта нашавад, ки он оферта (пешниҳод) аст. Дар ин ҳолат тарҳ оферта дониста шуда, обуна ба аксепт табдил меёбад.

290. Муқарраротии зерин бояд дар тарҳи (проспекти) эмиссия риоя карда шаванд:

- дар тарҳ бояд ҳамаи шартҳои шартнома, маълумоти кофӣ дар бораи обуначиёни эмиссия, мавқеи ҳуқуқии онҳо дар баробари ҳуқуқу уҳдадориҳо, маълумоти зерин, аз қабили маълумот дар бораи намояндаи (агенти) эмиссия, мудири эмиссия, ташкилоти қарзии исломӣ, ки барориши коғазҳои қиматнокро ба роҳ мемонад, мудири ваколатдори сармоягузорӣ, тарафе, ки зарар мебинад, агенти пардохт, инчунин дар бораи дигар шахсон ва шартҳои ба вазифа таъин ва аз вазифа озод кардани онҳо дарҷ гардад;

- дар тарҳи барориш сукуки сармоягузорӣ бояд шартномае, ки дар асоси он тасдиқномаҳо бароварда мешаванд, масалан: шартномаи хариду фурӯши дороиҳои моддии ба иҷора додашаванда,

шартномаҳои иҷора, муробаҳа, истисноъ, салам, музораба, мушорака, вакола, музораа, муғораса ё мусоқа нишон дода шавад;

- шартномае, ки барои барориш (эмиссия) асос мебошад, бояд аз нуқтаи назари унсуру шартҳои дар он омада пурра буда, хилофи мақсадҳои он ва меъёрҳои ҳуқуқӣ набошад;

- дар тарҳ бояд уҳдадории пайгирӣ аз қоидаю принсипҳои маблағгузории исломӣ, инчунин далелҳо дар бораи он, ки маҳз Шӯрои машваратии хизматрасонии бонкии исломӣ тартиби бароришро (эмиссияро) тасдиқ ва амалӣ шудани лоиҳаро дар тамоми муҳлати амал назорат мекунанд, дақиқ нишон дода шавад.

291. Дар тарҳ бояд нишон дода шавад, ки сармоягузории маблағу дороиҳои дастрасшуда, ки ба онҳо маблағҳои мазкур табдил мешаванд, мутобиқи он усулҳои сармоягузорӣ, ки ба принсипҳои маблағгузории исломӣ мувофиқ мебошанд, анҷом дода мешавад.

292. Бо дарназардошти стандартҳои байналмилалӣ, дар тарҳ бояд нишон дода шавад, ки ҳар як молики тасдиқнома дар фоида иштирок мекунад ва мутобиқи арзиши молиявии дар тасдиқномаҳои он нишондода зарар мебинад.

293. Тарҳ набояд ягон шартеро дар бар гирад, ки тибқи он эмитенти тасдиқнома уҳдадор мешавад, ки ба молики тасдиқнома ҷубронро дар доираи арзиши номиналии тасдиқнома дар ҳолатҳое, ки ҳамчун қонунвайронкунӣ ва ё ҳолатҳои беэҳтиётӣ ҳисобида намешаванд, ва ё фоизи муайяншуда аз даромадро кафолат медиҳад, пешниҳод намояд.

294. Ба шахси ҳуқуқӣ иҷозат дода мешавад, ки уҳдадориро оид ба обуна нисбат ба ҳамон қисми эмиссия ба зимма гирад, ки нисбат ба он обунашавӣ ба расмият дароварда нашудааст, дар сурате ки уҳдадории андеррайтер ба ваъдаи ҳатмӣ асос ёфтааст. Андеррайтер набояд барои чунин обуна подошпулӣ гирад.

295. Иҷозат дода мешавад, ки сукуки сармоягузории кӯтоҳмуддат, миёна ва дарозмуддат тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ бароварда шавад. Ҳар кадом намуди сукуки сармоягузорӣ ҳамчунин

метавонад бе дарҷи мӯҳлат, вобаста аз хислати шартнома, ки асоси эмиссияро ташкил медиҳад, дода шавад.

296. Ба эмитент ва дорандагони тасдиқномаҳо иҷозат дода мешавад, ки дар асоси усулҳои иҷозатдодашудаи идораи хавфҳо ва ё камкунии тағйирёбии фоидаи тақсимшаванда (захира барои баробакунии фоида) тариқи таъсис додани муассисаи исломии суғурта бо саҳмҳои дорандагони тасдиқномаҳо ва ё иштирок дар суғурта (такафул) тавассути пардохти мукофот аз даромади ҳиссаи иштироки нигоҳдорандаи сукуки сармоягузорӣ, инчунин тариқи хайрия (табарруот), ки аз ҷониби дорандаи сукуки сармоягузорӣ содир шудааст, амал намоянд.

297. Барои амалӣ намудани аҳди сукук ширкатҳои махсуси молиявии исломӣ таъсис дода мешавад.

Ширкати таъиноташ махсус барои гирифтани ҳуқуқ барои соҳибӣ ва молики дороие (актив), ки дар доираи он сукук бароварда мешавад, пешбинӣ гардидааст. Шахси ҳуқуқии мазкур ва ё траст ҳамчун қоида, сертификати ҳуқуқро мебарорад, аз рӯи он дар назди дорандагон масъул мебошад, гардиши молиявии байни онҳоро тақсим менамояд, маблағҳои аз дорандагон гирифташударо мувофиқи ҳуҷҷатҳои эмиссионӣ сармоягузорӣ менамояд.

298. Бо мақсади мутобиқ будани сукук бо принсипҳои маблағгузории исломӣ ва муқаррароти он:

- эмитент бояд аккредитатсияи Шӯрои машваратии хизматрасонии бонкии исломиро гирад;

- эмитент ҳамаи ҷанбаҳои ҳуқуқии барориш, гардиши сукук ва аудити онҳоро ба зиммаи худ мегирад.

299. Эмитент уҳдадор аст, ки ба Шӯрои машваратии хизматрасонии бонкии исломӣ ҳисоботи солона ва нимсола ва ё далел, ки дар кадом сатҳ савдои коғази қиматноки исломӣ – сукук ба принсипҳои маблағгузории исломӣ мутобиқ мебошад, пешниҳод намояд.

300. Эмитент ба мақомоти дахлдори ваколатдори давлатӣ оид ба коғазҳои қиматнок далеле пешниҳод менамояд, ки дороиҳо ба

мақомоти салоҳиятдор супорида шудаанд ва мутобиқи он дороиҳои секюритизатсияшудаи ширкат танҳо бо мақсади додани сукук истифода мешаванд ва наметавонад бо дигар мақсад ба гарав гузошта шаванд ё ҳабс ва ё бекор карда шаванд.

301. Эмитенти сукук барои дуруст, аниқ ва пурра будани маълумотҳое, ки дар маводи рекламавӣ барои сукук зикр гардидаанд ва ҳама дигар маълумотҳо масъулият ба зимма дорад.

302. Хариду фурӯши асъори хориҷӣ. Ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ дорад муомилаи хариду фурӯши асъори хориҷиро дар сурати мутобиқати он ба принсипҳои маблағгузории исломии зерин анҷом диҳад:

- ҳар ду тараф бояд пеш аз анҷом додани мубодила асъори ба дигар асъор мубодилашавандаро дошта бошанд, новобаста ба он, ки дар ихтиёр доштани асъор ҳақиқӣ ё тахминӣ бошад;

- воҳидҳои мубодилаи асъор бояд маблағи якхела бошанд, ҳатто агар яке аз онҳо пули коғазӣ ва дигараш тангаи ҳамон мамлакат бошад;

- дар шартнома ягон алтернативаи шартӣ ё шарту қайд оид ба гузаронидани муҳлат дар масъалаи таҳвили як ё ҳар ду воҳиди мубодила дохил карда намешавад;

- амалиётҳои асъорӣ набояд дар бозорҳои фючерсӣ ва форвардӣ сурат гиранд.

303. Бастани шартномаҳои асъорӣ барои фурӯши асъор дар оянда манъ аст. Ин қоида бояд новобаста ба он ки ин шартномаҳо мубодилаи интиқолҳои пулии муҳлатгузашта барои пардохти қарзҳо мебошанд ё иҷрои шартномаи батаъхирафтодаанд, ки дар он соҳибии муштараки ҳар ду воҳиди мубодила аз ҷониби тарафҳо сурат мегирад, риоя шавад.

304. Бастани ягон шартнома дар бозори форвардии асъор манъ аст, ҳатто агар ҳадаф аз он шартномаи суғурта (бастани шартномаи муҳлатнок оид ба фурӯш ё хариди асъори хориҷӣ) барои пешгирии зарар дар амалиётҳои муайяни аз асъор вобаста буда бошад, ки нархи он эҳтимол дар вақтҳои наздик поён равад.

305. Ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ дорад барои дар оянда арзон шудани асъор дар ҳолатҳое, ки ташкилоти қарзии исломӣ бояд

уҳдадориҳо ё муробаҳаро бо асъори дахлдор иҷро намояд, шартномаҳои суғурта бандад.

306. Ба ташкилоти қарзии исломӣ ва муштарӣ иҷозат дода мешавад, то дар ин хусус мувофиқа намоянд, ки пардохти қарз ва дигар амалиётҳои қарзӣ имкон дорад бо дигар асъор мутобиқи қурби дохилии асъор дар рӯзи пардохт анҷом дода шаванд.

307. Интиқоли маблағҳо бо асъоре, ки аз асъори барои интиқол супурдаи дархосткунанда фарқ мекунад, иҷозат аст. Ин гуна интиқол аз мубодилаи асъор ба воситаи ихтиёрдории воқеӣ ё тақрибӣ, бо роҳи таҳвили маблағи асъорӣ, ки ташкилоти қарзии исломӣ бо суратҳисоб тасдиқ кардааст, иборат аст. Баъд аз ин интиқоли маблағ бояд бо истифода аз асъоре, ки дархосткунандаи интиқоли пулӣ харидааст, анҷом дода шавад. Ситонидани ҳаққи хизмат барои интиқолҳои пулӣ иҷозат аст.

308. Ҳангоми бастани шартнома барои фурӯши маблағи муайяни асъор, ҳуқуқи соҳибии ҳамаи маблағҳо бояд дар рӯзи анҷомёбии мухлати аҳд эътироф карда шавад.

309. Соҳибӣ метавонад *воқеӣ ё тақрибӣ (ҳукмӣ)* бошад. Шакли соҳибии дороиҳо вобаста ба ҳолати (хусусияти) онҳо ва усулҳои маъмулӣ фарқ менамояд.

310. Соҳибияти воқеӣ (ҳақиқӣ) дар лаҳзаи дастсупурд интиқол меёбад.

311. Соҳибии эҳтимолии дороӣ дар ҳолате эътироф карда мешавад, ки агар фурӯшанда ба шахси дигар гирифтан ва фурӯхтани ин дороиро аз номи ӯ иҷозат диҳад, ҳатто агар дар ин маврид интиқоли воқеии соҳиби дороӣ вуҷуд надошта бошад, аз ҷумла:

- вақте ки ташкилоти қарзии исломӣ маблағҳои пулиро ба суратҳисоби муштарӣ мегузаронад;

- вақте ки ташкилоти қарзии исломӣ бо муштарӣ дар бораи мубодилаи асъори накд ба асъори ғайринакдӣ ва баръакс шартнома мебандад;

- вақте ки ташкилоти қарзии исломӣ (бо розигии муштарӣ) аз суратҳисоби муштарӣ маблағро гирифта, онро ба дигар суратҳисоби ӯ

бо асъори дигар дар ҳамин ва ё дигар ташкилоти қарзии исломӣ барои манфиати муштарӣ ва ё шахси дигари гирандаи пардохт мегузаронад;

- гирифтани чек дар хусуси соҳибии эҳтимолӣ шаҳодат медиҳад, танҳо агар маблағи пардохтшаванда дар суратҳисоби чекдиҳанда бо асъори дар чек нишондодашуда мавҷуд бошад ва агар ташкилоти қарзии исломӣ пардохти ин маблағро маҳдуд карда бошад.

312. Уҳдадории дуҷониба дар бораи хариду фурӯши асъор манъ аст, агар уҳдадории мазкур ҳатто бо мақсади суғурта кардан аз зарари эҳтимолии марбут ба пастравии қурби асъор маҷбурӣ бошад. Аммо уҳдадории якҷониба иҷозат аст.

313. Хариду фурӯши ҳамзамони асъор иҷозат нест, зеро он яке аз омилҳои зеринро, ки эътибори ҳуқуқии онро аз байн мебарад, дар бар мегирад:

- интиқол ва гирифтани ду асъори харида ва фурӯхташуда ғайриимкон аст, ки ин сабаби ба таъхир гузоштани фурӯши асъор аз рӯи шартнома мегардад;

- шартнома дар бораи фурӯши асъор аз дигар шартнома дар бораи фурӯши асъор вобаста мешавад;

- ба уҳдадории дуҷонибаи маҷбурии тарафҳо дар бораи мубодилаи асъор сабаб мегардад, ки ин худ аз худ иҷозат нест.

314. Ба яке аз шарикони мушорака ё муробаҳа иҷозат нест, ки кафили дигар шарик бошад, агар аҳд бо мубодилаи асъор алоқаманд бошад. Аммо шахси сеюм метавонад ихтиёран кафил бошад, агар ин гуна кафолат дар шартнома нишон дода нашавад.

315. Мубодила кардани маблағҳои асъорие, ки қарзи муқарраршудаи шахси қарздор мебошанд, иҷозат аст, агар он ба пардохт кардани ду қарз дар ҳолати мубодилаи дуҷонибаи асъор, инчунин пардохти пурраи қарзи мавҷудбуда сабаб гардад.

316. Яке аз усулҳои норавои ба савдои асъор машғул шудан ҳамин аст, ки муштарии ташкилоти қарзии исломӣ ба савдои асъор бе маблағи кофӣ машғул шуда, қарзҳои додаи ташкилоти қарзии исломиро барои ин кор истифода мебарад ва ҳамин тарз ба муштарӣ

барои бастани аҳд ба андозаи маблағе, ки аз маблағи пардохтшавандаи вай зиёд аст, имкон медиҳад.

317. Аз ҷониби ташкилоти қарзии исломӣ ба муштарӣ додани қарз бо шарти он, ки шартномаҳои асъорӣ бояд на бо дигар муассисаҳо, балки танҳо бо ин ташкилоти қарзии исломӣ анҷом дода шаванд, иҷозат нест. Агар чунин шарт набошад, он гоҳ принсипҳои маблағгузории исломӣ додани қарзро манъ намекунад.

318. Амалиёти асъорие, ки ташкилотҳои қарзи исломӣ мегузаронанд, бояд мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон анҷом дода шавад.

319. Кортҳои пардохт. Барориши кортҳои пардохт ба ташкилоти қарзии исломӣ бо шартҳои зерин иҷозат дода мешавад:

- дорандаи корт дар сурати саривақт пардохт нашудани маблағи зарурӣ фоиз пардохт намекунад;

- ташкилоти қарзии исломӣ метавонад соҳиби кортро уҳдадор намояд, ки ба ҳайси кафолат амонат гузорад. Ин маблағро соҳиби корт наметавонад сарф кунад. Ташкилоти қарзии исломӣ ин маблағро бо мақсади гирифтани фоида барои соҳиби корт тибқи музораба сармоягузорӣ намояд ва хабар диҳад, ки ҳар гуна даромади аз ин маблағ гирифташуда байни ташкилоти қарзии исломӣ ва соҳиби корт мутобиқи шартҳои шартномаи музораба тақсим карда мешавад;

- ташкилоти қарзии исломӣ бояд шарт гузорад, ки соҳиби корт наметавонад кортро бо мақсадҳое, ки принсипҳои маблағгузории исломӣ онҳоро манъ кардааст, истифода барад ва дар сурати риоя нашудани ин шарт ташкилоти қарзии исломӣ метавонад кортро бекор кунад.

320. Ташкилоти қарзии исломӣ мутобиқи хизмати расонидашуда барои гирифтани маблағи нақд ҳуқуқ дорад ҳаққи хизмати муайянро ситонад. Аммо ҳаққи хизмати ситонидашаванда барои гирифтани маблағи нақд, набояд тағйирёбанда бошад. Андозаи маблағ барои барориш ва хизматрасонии корт, инчунин андозаи ҳаққи хизмат барои пардохтҳоро ташкилоти қарзии исломӣ муайян мекунад.

321. Ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ дорад ба муштарӣ бо дарназардошти маблағе, ки дар суратҳисоби вай аст, корти дебитӣ диҳад. Ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ дорад кортҳои кредитӣ барорад, ба шарте ки соҳиби корт дар сурати саривақт барнагардонидани маблағи қарз, инчунин барои истифодаи меъёри барқароршавандаи кредит фоиз пардохт накунад.

322. Ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ дорад аз тарафе, ки кортро барои пардохт қабул мекунад, ҳаққи хизмат ситонад. Ҳаққи хизмат ҳамчун фоиз аз маблағи барои хариди молу хизматрасонӣ сарфшуда ҳисоб карда мешавад.

323. Ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ дорад аз соҳиби корт ҳаққи узвият, комиссия барои тамдиди муҳлат ва нав кардани корт ситонад.

324. Ба соҳиби корт иҷозат дода мешавад маблағи нақдро ба андозае, ки аз меъёри маблағи дастрасбуда ё аз он зиёд аст, гирад, агар ин пешакӣ бо ташкилоти қарзии исломие, ки корт додааст, мувофиқа карда шавад, ба шарте ки ба ин маблағ фоиз ҳисоб карда нашавад.

325. Ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ дорад имтиёзҳое, ки принсипҳои маблағгузориии исломӣ онҳоро манъ накардааст, пешниҳод кунад, аз қабили ҳуқуқи афзалиятнок барои тахфиф дар меҳмонхона, хатсайри ҳавоӣ, супориш ва банд кардани ҷой дар тарабхона ва ғайра.

326. Ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ надорад ба соҳиби корт имтиёзҳое диҳад, ки онҳоро принсипҳои маблағгузории исломӣ манъ карда бошад, масалан, суғуртаи қайду шартшудаи ҳаёт, даромадан ба ҷойҳои манъшуда ё тухфаҳои манъшуда.

327. Ҳамроҳ шудани ташкилоти қарзии исломӣ ба ташкилоти байналмилалии танзими кортҳо иҷозат аст, ба шарте ки ташкилоти қарзии исломӣ принсипҳои маблағгузории исломиро, ки аз ҷониби ин ташкилот ҷоиз ҳисобида мешаванд, вайрон накунад.

328. Ба ташкилоти қарзии исломӣ пардохт кардани ҳаққи узвият, пардохти хизматрасонӣ ва дигар пардохтҳои ташкилоти байналмилалии танзими кортҳо то он вақте иҷозат аст, ки агар онҳо пардохтҳои фоизӣ, аз ҷумла пардохтҳои ғайримустақимро, масалан,

дар ҳолати болоравии ҳаққи хизмат бо дарназардошти додани қарз дар бар нагиранд.

329. Аҳди вадиъа йад амонат. Аҳди (Шартномаи) вадиъа йад амонат (шартномаи нигаҳдории ба боварӣ ва кафолат асосёфта) - шартномаи дар асоси боварӣ нигаҳдорӣ кардани маблағҳои пулӣ ё дигар ашёи қиматноки муштарӣ мебошад. Ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ надорад предмети нигаҳдоришавандаро ихтиёрдорӣ кунад ва метавонад фақат дастуру супоришҳои соҳиби амонатро оид ба предмети мазкур иҷро намояд ва барои ин амал маблағи муайян ситонад.

330. Хизматрасонӣ аз рӯи шартномаи вадиъа йад амонат аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар шакли нигаҳдории маблағҳои пулӣ ё дигар ашёи қиматнок дар қуттиҳо (сейфҳо) пешниҳод мегардад.

331. Аҳди вадиъа йад замонат. Аҳди (Шартномаи) вадиъа йад замонат – шартномаи нигаҳдории кафолатнок, ки аз рӯи шартҳои он ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ дорад маблағҳои ба вай боваршударо ихтиёрдорӣ кунад ва аз ҷобаҷогузории онҳо фоида ба даст орад.

332. Хизматрасонӣ аз рӯи шартномаи вадиъа йад замонатро ташкилотҳои қарзи исломӣ тариқи кушодан ва хизматрасонӣ кардани суратҳисобҳои пасандозӣ пешниҳод мекунанд.

333. Аз фоидае, ки дар натиҷаи ҷобаҷогузории маблағҳои тибқи шартномаи вадиъа йад заманат ҷалбшуда ба даст омадааст, ташкилоти қарзии исломӣ аз рӯи салоҳдиди худ метавонад ба соҳибони ин суратҳисобҳо мукофотпулӣ - ҳиба пардохт намояд. Ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ дорад тартиб, андоза ва қоидаҳои пардохти мукофотпулӣ - ҳибаи ба муштариён ҳисобшударо муқаррар кунад. Маблағи мукофотпулӣ - ҳиба, ки ба муштарӣ пардохт шудааст, хароҷоти давра эътироф карда мешавад.

334. Ба ташкилоти қарзии исломӣ бо мақсади нигоҳ доштани сатҳи зарурии пардохтпазирии ҷорӣ ва қобилияти саривақт иҷро намудани уҳдадориҳо аз рӯи шартномаи вадиъа йад замонат зарур аст, ки ҳаҷми кофии маблағро дар хазина ё дар суратҳисоби муросилотӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон нигоҳ дорад.

335. Амалиётҳои вадиъа йад замонат аз рӯи моҳияташон ба амалиётҳои амонатӣ баробар мебошанд.

336. Маблағҳои тибқи шартномаи вадиъа йад замонат ҷалбкардаи ташкилоти қарзии исломӣ дар суратҳисобҳои тавозунии амонатҳои муштариён аз рӯи маблағи асосии воридшуда тибқи шартнома ба ҳисоб гирифта мешавад. Пешбурди ҳисобгирии суратҳисобҳои амонатӣ бо асъори хориҷӣ бо номинали асъор анҷом дода мешавад.

337. Мукофотпулии ҳиба – намуди ҳавасмандкунии моддӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии исломӣ ба муштариёне, ки маблағҳои пулиро аз рӯи шартҳои шартномаи қарзи ҳасана, вадиъа йад замонат ва дигар амалиёти амонатӣ бе фоиз ҷобаҷогузорӣ кардаанд, пардохт карда мешавад. Азбаски шартномаҳои қарзи ҳасана, вадиъа йад замонат ва дигар амонатҳои (пасандозҳои) бефоиз даромади кафолатнокро пешбинӣ намекунанд, мукофотпулӣ - ҳиба аз рӯи салоҳдиди ташкилоти қарзии исломӣ вобаста ба натиҷаҳои фаъолияти он пардохт карда мешавад.

338. Ташкилоти қарзии исломӣ метавонад мукофотпулии ҳибаро ҳам дар шакли пулӣ ва ҳам дар шакли дигар – дар шакли туҳфаи ҳавасмандкунанда, имтиёзҳо ва тахфифи тарифҳои хизматрасонӣ ва ғайра пардохт кунад. Ҳангоми ҷойгирсозии иттилоот дар бораи қабули пасандозҳои (амонатҳои) исломӣ аз рӯи шартномаҳои қарзи ҳасана, вадиъа йад замонат ва дигар пасандозҳо (амонатҳо) - и бефоиз дар шартномаи қабули пасандозҳои (амонатҳои) исломӣ, ки бо муштарӣ мебандад, ташкилоти қарзии исломӣ уҳдадор аст ба муштариёни (пасандозгузорони) эҳтимолӣ иттилоъ диҳад, ки дар сурати ба даст омадани натиҷаҳои мусбат аз фаъолият мутобиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ метавонад барои ҳавасмандкунӣ ба пасандозгузорон вобаста ба андозаи пасандоз (амонат)-и гузоштаашон мукофотпулӣ - ҳибо пардохт намояд.